ЯК МИЛЛИОНИ ТУРСУНЗОДА БА ИСФАРА с. 9

100-СОМОНӢ ДАР ФЕҲРИСТИ БЕҲТАРИН ПУЛҲОИ ҶАҲОН с. 2

3 БОНК АЗ ТАҲРИМ ОЗОД ШУДАНД с. 5

ТОҶИКИСТОН

№ 17 (1681), 29.04.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992





ҶОМӢ ва НАВОӢ

БО КАДОМ ЗАБОН ҲАРФ ЗАДАНД?

ДАР ИН ШУМОРА:

СЕРҶИО ГОР:
Трамп ба Эмомалӣ Раҳмон арҷ мегузорад с.3

СИТОИШИ ПУТИН
Натиҷаи сафари Ароқчӣ ба се кишвар с.4

НИГАРОНӢ
35% аҳолӣ бо фасод рӯ ба рӯ шудаанд с.3

МУҲОҶИРАТ
Тағйироти Парлумон чӣ натиҷа медиҳад? с.5

СОЗТАРОШӢ
Ҳунаре, ки аз байн меравад с.6

БУҲРОНИ КИТОБДОРӢ
Сабабҳо ва дурнамои рушди он с.11

АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА
Доктори фахрии Институти шарқшиносии Русия с.13

ВАРЗИШ
Dushanbe Grand Slam 2026 оғоз мешавад с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубаҳон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибаҳон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

3 РӮЗИ ИСТИРОҲАТ ДАР ИДИ ҒАЛАБА

Сокинони Тоҷикистон ба ифтихори Иди Ғалаба - 9-уми май се рӯз пай дар пай истироҳат мекунанд.

Бино ба иттилои Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, бо сабаби имсол ба рӯзи истироҳат, яъне шанбе рост омадани Иди Ғалаба сокинони кишвар як рӯз бештар дам мегиранд ва рӯзи душанбеи пас аз ид истироҳатӣ мебошад. Танҳо шахсоне, ки ҳафтаи кори панҷрӯза доранд, дар Иди Ғалаба 3 рӯз, яъне аз 9 то 11-уми май истироҳат менамоянд. Корхонаҳое, ки ҳафтаи кории шашрӯза доранд, танҳо рӯзҳои 9 ва 10-уми май истироҳат мекунанд.

Ёдрас мешавем, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», агар рӯзи ид ба рӯзи истироҳат, яъне шанбе ё якшанбе рост ояд, рӯзи кории минбаъда ҳам рӯзи ғайрикорӣ эълон карда мешавад.

100-СОМОНӢ ДАР ФЕҲРИСТИ БЕҲТАРИН ПУЛҲОИ ҶАҲОН

Пули нави 100-сомонии Тоҷикистон, ки соли 2025 ба муомилот бароварда шудааст, ба рӯйхати беҳтарин пулҳои ҷаҳон шомил гардид. Дар ин бора нашрияи International Business News Service (IBNS) хабар додааст.

Ба иттилои манбаъ, ин пул бо тарҳи навоварона ва сатҳи баланди амниятӣ тавонистааст ба озмуни бонуфузи байналмилалии “Пулҳои сол” роҳ ёбад. Мутахассисон махсусан ба унсурҳои ҳимоявии он баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, пули мазкур дорои аломати обӣ бо акси Исмоили Сомонӣ, тасвири бинои парлумон, нишону рамзҳои давлатӣ ва унсурҳои муосири тағйирёбандаи ранг мебошад. Ин технологияҳо барои пешгирии қалбакӣ сохтан ва баланд бардоштани эътимоди истифодабарандагон пешбинӣ шудаанд. Дар маҷмуъ, аз миёни тақрибан 100 пули нав, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон нашр шудаанд, танҳо 17 адад ба рӯйхати озмун дохил гардидаанд. Ба ин феҳрист пулҳои кишварҳое мисли Русия ва Қазоқистон низ шомил шудаанд.

КОҲИШИ ТИҶОРАТ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН

Гардиши тиҷорат байни Тоҷикистону Эрон дар моҳи марти соли ҷорӣ нисбат ба моҳи қаблӣ 9,8 дарсад коҳиш ёфт. Ин поёнравӣ дар пасманзари ҷанги Эрону Амрико аст.

Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, ҳаҷми умумии савдои байни ду кишвар дар моҳи март 40,6 миллион долларро ташкил дода, нисбат ба моҳи феврал 4,4 миллион доллар камтар мебошад. Ин пеш аз ҳама аз ҳисоби коҳиш ёфтани содироти маҳсулоти тоҷикӣ ба Эрон ба амал омадааст. Ҳаҷми содирот қариб се баробар коҳиш ёфта, аз 10,6 миллион доллар дар моҳи феврал то ба 3,9 миллион доллар дар моҳи март расидааст.

Дар баробари ин, воридоти молҳои эронӣ ба Тоҷикистон тамоюли афзоиш нишон дода, 7,9 дарсад зиёд шудааст. Ҳаҷми воридот аз 34 миллион доллар ба 36,7 миллион доллар расидааст. Тибқи натиҷаҳои семоҳаи аввал, ҳиссаи Эрон дар гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон тақрибан 4,5 дарсадро ташкил медиҳад.



ҲАМКОРИИ РУСИЯ ВА ТОҶИКИСТОН БАРОИ АМНИЯТИ МИНТАҚА

Вазири мудофиаи Русия Андрей Белоусов аҳамияти ҳамкории амниятӣ миёни Русия ва Тоҷикистонро бо назардошти вазъияти минтақа, аз ҷумла Эрон муҳим арзёбӣ кард.

Ин масъала зимни мулоқот бо вазири мудофиаи Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода дар ҳошияи ҷаласаи роҳбарони вазорату идораҳои дифои кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Бишкек баррасӣ шуд.

«Мо ҳамкории дифои Русия ва Тоҷикистонро ҳамчун омили калидии амният ва субот дар Осиёи Марказӣ мешуморем»,- изҳор дошт Белоусов.

Ба гуфтаи ӯ, зарурати чунин ҳамкорӣ на танҳо бо сабаби вазъ дар Эрон, балки ба афзоиши танишҳо дар дигар минтақаҳои ҷаҳон низ марбут аст.

Вазири мудофиаи Русия таъкид кард, ки кишвараш ба рушд ва мучаҳҳазгардонии ҳамаҷонибаи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мусоидат намуда, таҷрибаи ҷангии худро низ мубодила мекунад. Ҳамзамон, Москва ба густариши ҳамкории дуҷонибаи сохторҳои низомӣ барои таъмини амнияти ду кишвар манфиатдор будааст.

Дар навбати худ, Эмомалӣ Собирзода барои дастгирӣ ва саҳми ҷониби Русия дар тақвияти нерӯҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ изҳори сипос намуда, аз имкониятҳои васеи рушди минбаъдаи ҳамкорӣ ёдовар шуд. Ёдовар мешавем, ки қаблан Андрей Белоусов бо вазири дифои Эрон Ризо Аштионӣ низ мулоқот анҷом дода буд. Дар ин дидор масъалаҳои марбут ба дастгирии Эрон дар пасманзари танишҳои Ховари Миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.


САРИ САБЗ



Ҳафиз РАҲМОН, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

- ... Ба дарс рафтан лозим буд, зеро ҳоло чунин вазъият аст, ки агар бо сабабе ҳозир нашавӣ, иваз кардани дарс проблема мешавад, қариб 99 дар сади машғулиятҳо дар синфхонаҳо мегузаранд ва ин шакли таълим муаллимро маҷбур мекунад, ки ҳамеша сари по ва дар ҳузури донишҷӯ бошад...

- Ҳммм, манзуратонро нафаҳмидем, устоди азиз. Ба назаратон шакли таълим бояд чӣ гуна бошад? Муаллим дар хона каҷпаҳлу задаву кофе нӯшида, бо донишҷӯён онлайнӣ машғулият гузарад?



Алӣ СУЛТОНТУЙ, блогнавис ва ҷавоҳирсоз аз Эрон

- Ҳадафам аз ин сафарҳо таблиғи пулакӣ нест, балки бештар шиносонидани Тоҷикистон ба дигар ҳамзабонон аст. Тамоми талошҳоям шояд сабаб шавад, ки тавонам мардумро бедору ёдоварӣ кунам, ки мо форсзабонон як халқи чанд кишварем.

- Бисёр хоксоред, дӯсти гиромӣ. Бо ин хоксориятон коре накунед, ки нафарони сафарҳоятонро роҳандозиву харҷашонро рӯйпӯш мекарда шуморо як одами пулдори бениёз пиндоранд?



Абдурақиб ҚОДИРОВ, коршиноси масоили иқтисодӣ

- Ҳатто як идда коршиносон изҳор доштанд, ки гулӯгоҳи Ҳурмуз танҳо як воҳиди ҷуғрофию табиӣ нест, балки он гулӯгоҳи иқтисоди ҷаҳон аст. Агар он баста шавад, иқтисоди ҷаҳон гулӯгир мешавад. Ин тавсифҳо аз диди аввал як навъ образнок ва шоирона ҳастанд. Аммо бозгӯи воқеияти ҳол мебошанд.

- Воқеан, дар замоне, ки авзоъ печида аст, вақти образбофиву шоирӣ нест. Беҳтараш коршиносони масоили иқтисодӣ роҳҳои гулӯгир нашудани иқтисоди ҷаҳонро кофта ёбанд.

Серҷио Гор:

ДОНАЛД ТРАМП БА ТАЛОШҲОИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АРҶ МЕГУЗОРАД

28-уми апрел дар шаҳри Душанбе мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва фиристодаи вижаи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Серҷио Гор баргузор гардид. Гуфта мешавад, ки дар ин дидор масъалаҳои амният, иқтисод ва ҳамгироии минтақавӣ баррасӣ гардидаанд.



МУКОЛАМАИ СИЁСӢ

Ба иттилои дафтари матбуоти Президенти Тоҷикистон диққати асосӣ ба соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ ва амният равона гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон дар рафти суҳбат таъкид кардааст, ки Тоҷикистон ба таҳким ва густариши робитаҳо бо Иёлоти Муттаҳида таваҷҷуҳ дорад. Ӯ махсусан ба нақши формати ҳамкории минтақавии “С5+1” ишора намуда, онро платформаи муассир барои рушди муколама ва ҳамкориҳо арзёбӣ кардааст. Ин формат кишварҳои Осиёи Марказиро бо Иёлоти Муттаҳида пайванд намуда, имкониятҳои навро барои ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсӣ фароҳам меорад.

Серҷио Гор дар мулоқот таъкид кардааст, ки Президенти ИМА Доналд Трамп ба талошҳои Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини субот дар минтақа арҷ мегузорад. “Ҷомеаи байналмилалӣ нақши Тоҷикистонро дар таъмини амният ва суботи минтақа муҳим арзёбӣ мекунад”,- гуфтааст Гор.

ЯКЕ АЗ ПАНҶ САРМОЯГУЗОРИ АСОСӢ

Дар мулоқот таъкид шудааст, ки ИМА имрӯз дар қатори панҷ кишвари асосии сармоягузор дар иқтисоди Тоҷикистон қарор дорад. Ин далел нишон медиҳад, ки муносибатҳои иқтисодии ду кишвар дар сатҳи устувор қарор доранд ва имкониятҳои густариши онҳо хеле зиёданд.

Аз оғози истиқлол ИМА ба Тоҷикистон кумакҳои молӣ ва техникӣ расонида, дар татбиқи лоиҳаҳои гуногун саҳм гузоштааст. Ин кумакҳо ба рушди инфрасохтор, бахши иҷтимоӣ, энергетика ва дигар соҳаҳо мусоидат кардаанд. Ҳамзамон, ширкатҳои амрикоӣ низ дар иқтисоди Тоҷикистон фаъолият дошта, дар рушди бахшҳои гуногун саҳм мегузоранд.

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ҲАМКОРӢ

Дар мулоқот ҷонибҳо як қатор соҳаҳои афзалиятнокро барои рушди ҳамкориҳои минбаъда муҳим арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла, гидроэнергетика ҳамчун яке аз бахшҳои калидии иқтисоди Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтааст. Ҳамчунин, имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳо, саноати сабук, хӯрокворӣ, кимиё ва дорусозӣ баррасӣ гардидаанд. Ин бахшҳо метавонанд барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ замина фароҳам оранд.

Дар баробари ин, масъалаҳои рушди технологияҳои муосир низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, рушди зеҳни сунъӣ, инфрасохтори рақамӣ ва рақамикунонии иқтисод ҳамчун самтҳои ояндадор арзёбӣ шудаанд.

ТАҲКИМИ АМНИЯТ ВА МУБОРИЗА БО ТАҲДИДҲО

Масъалаҳои амниятӣ низ дар мулоқот матраҳ шудаанд. Ҷонибҳо зарурати ҳамоҳангсозии талошҳоро дар мубориза бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таъкид кардаанд.

Ҳамзамон, ҷонибҳо аҳамияти пешгирии хатарҳои гуманитариро низ зикр кардаанд. Ин масъала дар шароити тағйирёбии вазъи ҷаҳонӣ ва афзоиши бухронҳои гуманитарӣ аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Дар рафти мулоқот аҳамияти истифодаи имкониятҳо дар доираи Созишнома оид ба савдо ва сармоягузорӣ (TIFA) низ таъкид гардидааст. Ин созишнома метавонад барои густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ заминаи ҳуқуқии мустаҳкам фароҳам орад.

ВОХӮРИИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ

Дар ҳамин рӯз вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин низ бо Серҷио Гор мулоқот анҷом додааст. Дар ин вохӯрӣ масъалаҳои вобаста ба вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба баррасӣ гардидаанд.

Ҷонибҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва гуманитарӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, инчунин масъалаҳои амниятиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Д. ҚОДИРПУР

Нигаронӣ:

35% АҲОЛӢ БО ФАСОД РӮ БА РӮ ШУДААНД



Як назарсанҷии густурда, ки соли 2025 аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, вазъи нигаронкунандаи фасод дар кишварро бозгӯ кард. Тибқи ин таҳқиқот, ки натиҷаи он дар 41 саҳифа дар сомонаи Агентӣ нашр шуд, беш аз 35 дарсади шаҳрвандони Тоҷикистон иқрор шудаанд, ки бо ҳолатҳои фасод рӯ ба рӯ шудаанд ва тақрибан 26 дарсад барои ҳалли мушкилоти худ маҷбур ба додани пора гардидаанд.

СОҲАҲОИ БЕШТАР ОСЕБПАЗИР

Ин омор нишон медиҳад, ки фасод ҳанӯз ҳам яке аз мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ боқӣ монда, ба ҳаёти рӯзмарраи мардум таъсири манфӣ мерасонад.

Бар асоси натиҷаҳои назарсанҷӣ, соҳаи маориф бо 20 дарсад дар садри феҳристи соҳаҳои бештар фасодзада қарор гирифтааст. Дар ҷойҳои баъдӣ ниҳодҳои вобаста ба Вазорати корҳои дохилӣ бо 19 дарсад ва соҳаи тандурустӣ бо 16,7 дарсад қарор доранд. Ҳамчунин, дар рӯйхат ниҳодҳои марбут ба Вазорати адлия, судҳо ва бахши таъминоти барқ низ бо сатҳҳои гуногуни фасод зикр шудаанд. Коршиносон бар он назаранд, ки маҳз дар ин соҳаҳо, ки шаҳрвандон бештар ба хизматрасонии давлатӣ ниёз доранд, эҳтимоли рӯ ба рӯ гаштан бо ҳолатҳои ришвахорӣ бештар аст.

ПОРА ЗЕРИ ФИШОР

Яке аз хулосаҳои муҳими таҳқиқот ин аст, ки дар аксари ҳолатҳо шаҳрвандон на бо хоҳиши худ, балки зери фишори мансабдорон пора медиҳанд.

Тибқи маълумот, 37 дарсади пурсидашудагон гуфтаанд, ки аз онҳо мустақиман талаб карда шудааст, то маблағ пардохт намоянд. Беш аз 33 дарсади дигар изҳор доштаанд, ки тавассути ишораҳо ва талаботи ғайримустақим ба додани пора маҷбур шудаанд. Ҳамзамон, тақрибан 22 дарсади шаҳрвандон иқрор шудаанд, ки бо хоҳиши худ ва барои тезонидани раванди кори худ ба мансабдорон пора пешниҳод кардаанд.

САБАБ ДАР ЧИСТ?

Мардум сабабҳои асосии густариши фасодро пеш аз ҳама дар омилҳои иқтисодӣ мебинанд. Тақрибан 25,6 дарсади пурсидашудагон маоши паст ва шароити душвори зиндагиро омили асосии ришвахорӣ номидаанд. Ҳамчунин, кӯшиши кормандон барои пайдо кардани манбаъҳои иловагии даромад низ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими афзоиши фасод арзёбӣ шудааст.

Ба гуфтаи таҳлилгарон, то замоне, ки мушкилоти иқтисодӣ ва сатҳи пасти даромади кормандони давлатӣ ҳал нашавад, мубориза бо фасод танҳо бо чораҳои маъмурӣ натиҷаи маҳдуд хоҳад дод.

ЧАРО МАРДУМ ШИКОЯТ НАМЕКУНАНД?

Яке аз паҳлуҳои нигаронкунандаи ин таҳқиқот сатҳи хеле пасти муроҷиати шаҳрвандон ба мақомот мебошад. Тибқи натиҷаҳо, 86 дарсади онҳое, ки бо ҳолатҳои фасод рӯ ба рӯ шудаанд, ба ягон ниҳод шикоят накардаанд.

Сабабҳои асосии ин ҳолат чунин арзёбӣ шудаанд:

- надонистани рақамҳо ва роҳҳои муроҷиат;

- бовар надоштан ба самаранокии шикоят;

- набудани эътимод ба худи мақомот.

Бо вучуди мушкилоти мавчуда, натиҷаҳои назарсанҷӣ як ҷиҳати умедбахшро низ нишон медиҳанд. Беш аз 60 дарсади шаҳрвандон изҳор доштаанд, ки омодаанд дар мубориза бар зидди фасод бо мақомот ҳамкорӣ намоянд.

Гуфта мешавад, ки дар ин назарсанҷӣ 10 ҳазор нафар аз 28 шаҳру ноҳияи кишвар, аз ҷумла Хуҷанд, Душанбе, Кӯлоб ва Хоруғ иштирок кардаанд.

Мақомот изҳор доштаанд, ки натиҷаҳои ин таҳқиқот ҳамчун замина барои таҳияи барномаи нави мубориза бо фасод барои солҳои 2026-2030 истифода хоҳанд шуд.



ПРЕЗИДЕНТИ ИСРОИЛ ДАР ҚАЗОҚИСТОН

Дар шаҳри Остона рӯзи 27-уми апрел мулоқоти расмии Президенти Исроил Итсхак Герсог ва Президенти Қазоқистон Қасим-Жомарт Токаев баргузор гардид.

Сафари Президенти Исроил ба Қазоқистон дар заминаи шиддат гирифтани вазъ дар Ховари Миёна сурат мегирад.

Дар моҳҳои охир ҳамкории Қазоқистону Исроил ба таври назаррас суръат гирифтааст. Моҳи январи соли 2026 вазири корҳои хориҷии Исроил Гидеон Саар бори аввал дар 16 соли охир ба Остана сафар карда, ҷонибҳо созишнома дар бораи ҷорӣ кардани низоми бидуни раводидро ба имзо расониданд.

Пештар, дар моҳи ноябри соли 2025 Қазоқистон нияти пайвастан ба Созишномаҳои Иброҳимро эълон карда буд. Ин тасмим дар натиҷаи гуфтугӯҳои телефонӣ миёни Токаев бо Доналд Трамп ва Бинямин Нетаняҳу гирифта шудааст.

Сафари кунунӣ дар шароити ниҳоят пуртаниши минтақавӣ баргузор мегардад. Дар моҳи апрели соли 2026 дар Вашингтон пас аз 34 сол бори аввал музокироти мустақими миёни Исроил ва Лубнон бо миёнаравии ИМА баргузор шуд. Масъалаҳои асосӣ ҳузури нерӯҳои исроилӣ дар қаламрави Лубнон ва ҳамлаҳои азсаргирифтаи гурӯҳи Ҳизбуллоҳ ба шимоли Исроил боқӣ мемонанд.

Ҳамзамон талошҳо барои азсаргирии муколама миёни ИМА ва Эрон идома доранд, аммо музокирот дар Исломобод ба бунбаст расидааст: Теҳрон пешниҳодҳои Амрикоро рад карда, онҳоро ғайри қобили қабул донист.

АФЗОИШИ ХАТАРИ ҶАНГИ ҲАСТАЙ

Рафаэл Гросси, мудири кулли Агентии байналмилалии энергияи атомӣ мегӯяд, хатари вуқуи як фоҷиаи ҳастай дар ҷаҳон ба сатҳе расида, ки аз даврони авҷи Ҷанги сард то кунун мушоҳида нашудааст.


Гросси рӯзи душанбе, 27-уми апрел ин изҳоротро дар 11-умин Конфронси бознигарии муоҳадаи манъи густариши силоҳҳои ҳастай (NPT) дар Ню-Йорк матраҳ кардааст.

Ӯ гуфта, ки ин муоҳада беш аз панҷ даҳа боз побарҷо монда ва 191 кишвари ҷаҳон шомили давлатҳои дорои силоҳи ҳастай ва бидуни он, ба он пайвастаанд ва масъулияти муштараке дар ин замина доранд.

Ба гуфтаи ӯ, вазъияти кунунии ҷаҳон бисёр “ҳассос ва ноустувор” аст ва ҷангҳо дар Аврупову Ховари Миёна бори дигар бозгашта ва чаҳорчӯбҳои чандҷонибаи амниятӣ таҳти фишори ҷиддӣ қарор гирифтаанд.



МАНЪИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТУРКИЯ



Парлумони Туркия тарҳи қонунеро қабул кард, ки ба наврасони то 15-сола истифода аз шабакаҳои иҷтимоиро манъ мекунад.

Назорати иҷрои ин қонуно таъминкунандагони алоқаи мобилӣ ба уҳда мегиранд. Бино ба ин санад, провайдер бояд тадбирҳои зарурии вобаста ба мушаххас кардани синну соли корбарро роҳандозӣ намояд. Дар сомонаҳои провайдерҳои интернет бояд қоидаҳои зарурӣ нашр шаванд. Баробар бо ин, назорати волидон аз фаъолияти фарзандонашон дар интернет ҳам танзим мешавад ва онҳо бояд бидонанд, ки фарзандашон чӣ гуна дар интернет сабтином шуда, ба кадом сомонаву каналҳо обуна мешавад. Барои калонсолон роҳҳои назорат аз фаъолияти фарзандашон дар интернет таҳия мешаванд. Қоидаҳои нав ба бисёр пойгоҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла YouTube, TikTok, Facebook ва Instagram марбут мешаванд.

BBC ANADOLU UNIVERSITY

СИТОИШИ ПУТИН

Натиҷаи сафари Ароқчӣ ба Покистон, Уммон ва Русия

Дар пасманзари танишҳои бесобиқа дар Ховари Миёна Аббос Ароқчӣ, вазири корҳои хориҷии Эрон дар шаҳри Санкт-Петербург бо Владимир Путин, президенти Русия дидору гуфтугӯ кард. Ба навиштаи расонаҳои Русия, Путин дар ин мулоқот гуфтааст, ки Маскав барои таъмини сулҳ дар Ховари Миёна ҳар кореро, ки тавонад, анҷом медиҳад.



ВАЪДАИ ПУТИН

Дидори Ароқчӣ бо президенти Русия Владимир Путин дар шаҳри Санкт-Петербург беш аз якуним соат идома кард.

Путин дар ин мулоқот таъкид кард, ки Русия барои барқарории сулҳ дар Ховари Миёна аз тамоми имкониятҳои худ истифода хоҳад бурд. Ӯ изҳор дошт, ки Маскав омода аст иқдомҳое анҷом диҳад, ки на танҳо ба манфиати Эрон, балки ба манфиати тамоми кишварҳои минтақа бошад.

Ҳамзамон, роҳбари Русия аз ҷасорат ва муқовимати мардуми Эрон ситоиш карда, гуфт, ки истодагии онҳо дар баробари фишорҳо ва ҳамлаҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ намуна шудааст. Ин изҳорот дар шароите садо дод, ки минтақа пас аз даргириҳои ахир миёни Эрон аз як сӯ ва Амрикову Исроил аз сӯи дигар ҳанӯз ба суботи комил нарасидааст. Аз ҷониби худ, Аббос Ароқчӣ равобити ду кишварро мусбат арзёбӣ карда, таъкид намуд, ки ҳамкориҳои Эрон ва Русия дар чорчӯби шарикии роҳбурдӣ идома хоҳанд ёфт. Ӯ аз мавқеи Маскав дар давраи ҷанг изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки Эрон чунин ҳампаймонҳоро қадр мекунад.



РУСИЯ МИЁНРАВ МЕШАВАД?

Яке аз мавзуҳои асосии музокироти Ароқчӣ ва Путин баррасии вазъи ҷанг ва паёмадҳои он буд. Ба гуфтаи вазири корҳои хориҷии Эрон, дар мулоқот “ҷанг ва таҷовузи Амрико ва режими саҳюнистӣ” мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ҳамин замина, ёвари президенти Русия Юрий Ушаков ишора кард, ки эҳтимол дорад Маскав баъди ин мулоқот дидгоҳҳои худро ба Иёлоти Муттаҳида интиқол диҳад. Ин ишора ба нақши эҳтимолии Русия ҳамчун миёнарав дар музокироти оянда миёни Теҳрон ва Вашингтон далолат мекунад.

ДУ САФАР БА ПОКИСТОН

Қабл аз Русия Ароқчӣ 25-уми апрел ба Покистон сафари корӣ анҷом дод. Ӯ нахуст ба Исломобод сафар карда, бо роҳбарияти ин кишвар, аз ҷумла фармондеҳи артиши Покистон Осим Мунир мулоқот анҷом дод. Ҷолиб он аст, ки баъд аз сафари худ ба Уммон, Ароқчӣ дубора ба Покистон баргашт. Гарчанде сабаби расмии ин бозгашт шарҳ дода нашудааст, расонаҳо менависанд, ки ӯ тавассути Покистон паёмҳои хаттӣ ба Амрико ирсол кардааст. Ин паёмҳо, ба гуфтаи манбаъҳо, “хати сурх”-и Эронро дар масъалаҳои калидӣ, аз ҷумла тангаи Ҳурмуз ва барномаи ҳастай дар бар мегирифтанд.

УМЕДВОРӢ АЗ УММОН

Тавре ишора шуд, 26-уми апрел Ароқчӣ ба Масқат низ сафари кори анҷом дод ва дар он бо султони Уммон Ҳайсам бин Ториқ ва вазири корҳои хориҷии ин кишвар Бадр Бусайдӣ мулоқот кард. Уммон ҳамчун миёнарав миёни Эрон ва Ғарб, бахусус Иёлоти Муттаҳида, нақши муҳим мебозад. Пеш аз оғози даргириҳои ахир низ Масқат талош мекард, ки заминаи музокироти сулҳро фароҳам оварад. Дар мулоқотҳои Масқат масъалаҳои муҳими дуҷониба ва минтақавӣ баррасӣ шуданд. Яке аз мавзуҳои калидӣ амнияти тангаи Ҳурмуз буд - гузаргоҳи муҳими энергетикӣ, ки барои иқтисоди ҷаҳонӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Ароқчӣ таъкид кард, ки Эрон ба таъмини убури бехатар дар ин минтақа манфиатдор аст ва омода аст бо кишварҳои ҳамсоя барои расидан ба ин ҳадаф ҳамкорӣ кунад.

ИДОМАИ БУҲРОН

Сафари Ароқчӣ дар шароите баргузор гардид, ки минтақа тоза аз як давраи ҷанг гузаштааст. Даргириҳо 28-уми феврал бо ҳамлаи муштараки Амрико ва Исроил ба қаламрави Эрон оғоз ёфт. Дар посух Теҳрон ҳамлаҳои мушакӣ анҷом дод, ки ба як давраи таниши шадид оварда расонд. Пас аз тақрибан чиҳил рӯзи ҷанг ҷонибҳо ба оташбаси муваққатӣ розӣ шуданд. Ин оташбас бо миёнаравии Покистон ба даст омада, баъдан тамдид гардид. Бо вуҷуди ин, идомаи муҳосираи бандарҳои ҷанубии Эрон аз ҷониби Амрико аз ҷониби Теҳрон ҳамчун нақзи оташбас арзёбӣ шуд. Яъне сулҳ дар минтақа ҳанӯз ноустувор буда, вазъ нигаронкунанда боқӣ мемонад.

МУҲОҶИРАТИ МУТАШАККИЛ

Тағйироти Парлумон чӣ натиҷа медиҳад?

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон санадеро тасдиқ намуданд, ки тибқи он тартиби ҷалби шаҳрвандони кишвар барои кор дар Федератсияи Русия тағйир меёбад. Бар асоси ин навоварӣ, минбаъд қисми зиёди муҳоҷирони корӣ метавонанд бо тартиби муташаккилона, яъне тавассути сохторҳои расмии давлатӣ ба Русия фиристода шаванд ва як қисми расмиёти ҳатмиро ҳанӯз дар дохили Тоҷикистон анҷом диҳанд.



Ин тағйирот ба “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия дар бораи ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Тоҷикистон барои фаъолияти меҳнатӣ дар қаламрави Русия” ворид карда шуда, 8-уми апрел аз ҷониби вакилон ҷонибдорӣ ёфт.

МУҲОҶИРАТИ МУТАШАККИЛОНА ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

Мафҳуми “ҷалби муташаккилона” дар амал маънои онро дорад, ки раванди фиристодани шаҳрвандон ба кори хориҷӣ дигар ба таври инфиродӣ ва ғайирасмӣ сурат намегирад, балки тавассути ниҳодҳои давлатӣ ва дар асоси рӯйхатҳо ва шартномаҳои пешакӣ танзим мешавад.

Дар ин низом масъулияти асосиро Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ба дӯш дорад. Ин ниҳод бояд номзадҳои мувофиқро интихоб кунад, бо корфармоёни хориҷӣ ҳамоҳангӣ намояд ва тамоми марҳилаҳои асосии омодагии муҳоҷиронро назорат кунад.

То имрӯз қисми зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон мустақилона ба Русия рафта, дар ҷустуҷӯи кор, манзил ва миёнаравҳо қарор мегирифтанд. Низоми нав мехоҳад ин равандро ба шакли мутамарказ ва назоратшаванда табдил диҳад.

Бо вуҷуди ин, мақомоти расмӣ таъкид мекунанд, ки ин тартиб муҳоҷирати мустақилонаро пурра манъ намекунад. Яъне шаҳрвандон ҳанӯз ҳам метавонанд бе миёнаравии давлат ба Русия раванд, вале имконияти нав ҳамчун роҳи алтернативӣ пешниҳод мегардад.

ҲАДАФ - ШАФФОФИЯТ

Яке аз ҳадафҳои асосии ин ислоҳот коҳиш додани шуғли ғайриқонунӣ ва бехтар намудани шароити кории шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷ аст. Дар доираи ҷалби муташаккилона корфармоёни русӣ пешакӣ номзадҳоро интихоб намуда, бо онҳо шартномаи меҳнатӣ мебанданд ва кафолатҳои иҷтимоиро пешниҳод мекунанд.

Дар навбати худ, коргар уҳдадор мешавад, ки шартҳои шартнома ва қонунгузории кишвари будубошро риоя кунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки муносибатҳои меҳнатӣ шаффофтар шуда, хавфи фиребхӯрӣ ё кор дар шароити ғайриқонунӣ коҳиш ёбад.

Ба гуфтаи коршиносон, чунин низом метавонад муҳоҷиронро аз ҳолатҳои беқонунии меҳнатӣ, қарздоршавӣ ва вобастагӣ аз миёнаравҳои ғайирасмӣ ҳифз кунад.

АЗ МУОИНА ТО ИМТИҲОН

Яке аз навгониҳои муҳими ин созишнома он аст, ки як қатор расмиёти ҳатмӣ то сафар дар худи Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

Аз ҷумла:

- *гирифтани муоинаи тиббӣ;*
- *супоридани изи ангушт (биометрия);*
- *супоридани имтиҳони забони русӣ;*
- *санҷиши дониши таъриҳ ва қонунгузории Федератсияи Русия;*

Ин иқдом барои он пешбинӣ шудааст, ки шаҳрвандон баъди расидан ба Русия камтар бо монеаҳои маъмурӣ рӯ ба рӯ шаванд.

Тибқи маълумоти расмӣ, арзиши муоинаи тиббӣ дар муассисаҳои давлатии Тоҷикистон 240 сомонӣ ва дар муассисаҳои хусусӣ тақрибан 300 сомонӣ муайян шудааст. Пас аз анҷоми ҳамаи ин марҳилаҳо, муҳоҷирон дар Русия асосан танҳо барои гирифтани иҷозатномаи кор (патент) мурочиат мекунанд ва метавонанд фаъолияти меҳнатиро оғоз намоянд.

ШАРҲИ ВАЗИР

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода изҳор дошт, ки ҳадафи асосии ин ислоҳот бехтар кардани шароити муҳоҷирон ва ҳифзи манфиатҳои онҳо мебошад. Ба гуфтаи ӯ, низоми нав ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки қисми зиёди расмиётро пеш аз сафар дар дохили кишвар анҷом диҳанд, ки ин ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати хароҷот барои онҳо осонтар хоҳад буд.

Мақомот бар ин назаранд, ки чунин низом метавонад раванди муҳоҷиратро ба таври бехтар танзим намуда, робитаи байни корфармо ва коргарро мустаҳкамтар кунад.

О. СОҲИБЗОДА

СЕ БОНКИ ТОҶИКИСТОН

аз рӯйхати таҳримҳои Иттиҳоди Аврупо хориҷ шуданд

Комиссияи Аврупо се бонки Тоҷикистон - “Спитамен Бонк”, “Душанбе Сити Бонк” ва “Коммерсбонки Тоҷикистон”-ро аз рӯйхати таҳримҳои қаблан ҷоришуда хориҷ намуд. Дар ин бора Бонки миллии Тоҷикистон иттилоъ дода, ин иқдомро натиҷаи ҳамкориҳои судманд ва муколамаи созандаи мақомоти дахлдори кишвар бо шарикони аврупоӣ арзёбӣ кардааст.

Тасмими мазкур дар натиҷаи баррасии дубораи вазъ ва пешрафтҳои бадастомада дар соҳаи молиявӣ гирифта шудааст. Ҳамзамон, рӯйхати нави муассисаҳои аз таҳрим хориҷшуда дар сомонаи расмии Иттиҳоди Аврупо нашр гардидааст, ки шаффофият ва эътирофи расмии ин тағйиротро тасдиқ мекунад.

Коршиносон бар он назаранд, ки яке аз омилҳои асосии хориҷ шудани ин бонкҳо аз рӯйхати таҳримҳо татбиқи пайгиронаи стандартҳои байналмилалӣ ва мубориза бо қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ мебошад. Дар солҳои охир Тоҷикистон талош кардааст, ки низоми молиявии худро ба талаботи ҷаҳонӣ мутобиқ намуда, шаффофият ва ҳисоботдиҳиро дар фаъолияти муассисаҳои бонкӣ тақвият бахшад.

Илова бар ин, густариши ҳамкориҳо бо Комиссияи Аврупо ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ дар қабули чунин қарор нақши муҳим бозидааст. Муколамаи доимӣ ва табодули таҷриба бо шарикони хориҷӣ ба бехтар шудани эътибори низоми бонкии кишвар мусоидат кардааст.

Хориҷ шудани бонкҳои мазкур аз рӯйхати таҳримҳо метавонад ба рушди минбаъдаи соҳаи бонкӣ таъсири мусбат расонад. Пеш аз ҳама, ин иқдом ба баланд гардидани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ мусоидат намуда, имкониятҳои нави ҷалби сармояро фароҳам меорад. Ҳамзамон, бехтар шудани дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалӣ метавонад ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ ва муосирсозии бахши бонкӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Хориҷ шудан аз таҳримҳо метавонад робитаҳои мустақими бонкҳои кишварро бо низоми молиявии ҷаҳонӣ тақвият диҳад. Яъне, имкониятҳои анҷом додани амалиётҳои байналмилалӣ, аз ҷумла интиқоли маблағ ва ҳамкориҳо бо муассисаҳои молиявии хориҷӣ бештар мегарданд.

РЕЗААХБОР

Музди мутахассисони соҳаи IT дар хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон зиёд карда мешавад. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон фармонеро дар бораи меъёрҳои танзими маош дар ин бахш имзо кард. Афзоиши маош аз салоҳияти касбии корманд ва сертификатсияи байналмилалӣ вобаста хоҳад буд. Пардохтҳо аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

***

Вазорати тандурустии Тоҷикистон аз мардум даъват кардааст, ки аз нуқтаҳои савдои кӯчагӣ маҳсулоти зудвайроншаванда нахаранд. “Бо фарорасии ҳавои гарм хатари заҳролудшавӣ аз хӯрок ба таври назаррас меафзояд”,- хабар медиҳад хадамоти матбуотии вазорат. “Гӯшт, моҳӣ, шир, тухм ва маҳсулоти тайёри кӯчагӣ маҳсусан хатарноканд”,- ҳушдор доданд мақомот.

***

Тоҷикистон дар се моҳ беш аз 153 млн долларро харҷи хариди маҳсулоти тайёри озуқа аз хориҷа кардааст. “Бо ин маблағ аз ҷумла ҳасибу маҳсулоти гӯштӣ, шакару қаннодиҳо, маҳсулоти нонӣ, шарбатҳо ва нӯшокиҳои ташнагишикану спиртӣ ворид шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта қариби 15% зиёд мебошад”,- бармеояд аз додаҳои Агентии омори Тоҷикистон.

***

“Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ дар семоҳа ба маблағи қариб 1,3 млрд доллар додугирифт доштааст. Ин дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта ҳудуди 11% зиёд мебошад”,- бармеояд аз додаҳои Агентии омори Тоҷикистон.

***

Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии суръати интернети собит чор зина боло рафта, байни 153 кишвар дар ҷойи 117-ум қарор гирифт. Суръати миёнаи боргирӣ дар Тоҷикистон 45,1 Мбит/с ва суръати боргузорӣ 38,3 Мбит/с мебошад, ки ба иттилои Хадамоти алоқа, ин бехтарин нишондод дар панҷ соли охир аст. Бар асоси раддабандӣ дар Осиёи Марказӣ Ӯзбекистон пешсаф аст (ҷойи 75-ум), баъд Қазоқистон (ҷойи 86-ум) ва Қирғизистон (ҷойи 87-ум) қарор гирифтаанд.

МАКТАБИ ЗИНДАГӢ

ё гузаре аз бозори «Гулистон»-и шаҳри Хуҷанд





Дар канори Хуҷанд, дар мавзеи маъруфи Гулистон бозоре фаъолият мекунад, ки онро на танҳо макони дарёфти кор, балки як мактаби воқеии зиндагӣ номидан мумкин аст. Ин бозори коргарон солҳо боз барои садҳо донишҷӯ ҳамчун манбаи умед, таҷриба ва такягоҳи иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Ҳар субҳ пеш аз оғози дарсҳо донишҷӯён дар ин ҷо ҷамъ меоянд. Онҳо бо вуҷуди машғулиятҳои таълимӣ, барои дарёфти ризқу рӯзӣ ва сабук кардани бори оила кӯшиш менамоянд. Барои онҳо ин макон танҳо ҷойи корёбӣ нест, ин ҷо онҳо бо воқеияти зиндагӣ рӯ ба рӯ мешаванд, сахтиҳоро эҳсос мекунанд ва дарси мустақилият меомӯзанд.

Дар рӯзҳои истироҳат, донишҷӯён ба ин бозор омада, кор ҷустуҷӯ мекунанд ва тавассути меҳнати якрӯза ё чандсоата хароҷоти ҳафтаина ва эҳтиёҷоти рӯзмарраи худро таъмин менамоянд. Ин таҷриба барои онҳо ҳам манбаи даромад ва ҳам дарси муҳими зиндагист.

Тасаввур кунед, як донишҷӯ субҳ ба дарс меравад, баъд аз дарс ба бозори коргарон меояд ва то шом ба корҳои гуногун машғул мешавад. Шояд ӯ орзу дорад омӯзгор, муҳандис ё табиб шавад, аммо имрӯз ӯ бо меҳнати дастӣ зиндагии худро пеш мебарад. Ин гуна таҷрибаҳо на танҳо ӯро ҷисман, балки маънаван низ қавӣ мегардонанд.

Чунончи гуфтаанд: «Меҳнат роҳи ягонаи расидан ба комёбӣ аст».

Аҳамияти иҷтимоии ин бозор боз ҳам равшан мегардад, вақте мебинем, ки он дар наздикии Бозори Панҷшанбе ҷойгир аст. Дар як тараф хариду фурӯши молу маҳсулот, дар тарафи дигар “фурӯши нерӯи меҳнат” сурат мегирад.

Ин манзара на танҳо як воқеияти иқтисодӣ, балки оинаи равшани зиндагии ҷомеа мебошад.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати бозори коргарони Гулистон дар он аст, ки барои коргарон шароити нисбатан муносиб фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҷо курсиҳо барои нишасти коргарон насб гардидаанд, ки барои эшон имконият медиҳад, то ин ки дар вақти бекорӣ ё номусоидии ҳаво дар як ҷо нишаста, мунтазири пайдо шудани кор бошанд. Ин ҳолат махсусан дар фаслҳои боронӣ ё сардии ҳаво аҳамияти калон дорад, зеро коргаронро аз бечо мондан дар кӯчаҳо эмин медорад.

Ҷолиб он аст, ки талабот ба коргарон дар ин макон танҳо ба соатҳои субҳ маҳдуд намешавад. Ҳатто то бегоҳ шахрвандон ба ин ҷо омада, коргар меҷӯянд. Ин нишон медиҳад, ки бозори коргарони Гулистон дар низоми ғайрирасмии бозори меҳнат нақши муҳим дорад ва як пул миёни корфармо ва корҷӯ мебошад.

Рӯзона коргарон вобаста ба намуди кор аз тақрибан 50 сомонӣ то 200-300 сомонӣ даромад ба даст меоранд. Онҳо ин маблағро барои таъмини оила, хароҷоти рӯзмарра ва эҳтиёҷоти ҳафтаинаи худ истифода мебаранд, ки барои бисёре аз онҳо манбаи муҳими зиндагӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бисёре аз донишҷӯёне, ки давраи таҳсил ва ҳаёти донишҷӯии худро дар бозори Гулистон бо меҳнат пайваста гузаронидаанд, имрӯз дар соҳаҳои гуногуни кишвар фаъолият менамоянд. Онҳо дар вазифаҳои гуногун кор карда, барои ободии Ватан аз сидқи дил саҳм мегузоранд.

Чунончи гуфтаанд: «Онҳо на танҳо илм омӯхтанд, балки таҷрибаи зиндагӣ, одамгарӣ ва касбро низ аз худ карданд».

Хулоса, метавон гуфт, ки бозори коргарони Гулистони Хуҷанд як падидаи одӣ нест. Он мактаби зиндагист, ки дар он донишҷӯён обутоб меёбанд, иродаашон қавӣ мегардад ва ба қадри зиндагӣ мерасанд. Барои садҳо донишҷӯ ин ҷо танҳо як бозор нест - ин зинаи аввалини расидан ба орзуҳои бузург аст.

Эҳром РАҶАБОВ,
деҳаи Қалъаи Баланди
шаҳри Истаравшан

СОЗТАРОШӢ

Кӣ ин ҳунарро идома медиҳад?



Навохтани асбобҳои миллии тоҷикӣ худ санъату маҳорати волост, вале сохтани ин созҳо боз дунёи дигарест, ки маҳорат ва садоқат талаб мекунад. Дар асри XIX то охири солҳои 80-уми асри XX дар Муъминобод авлоду сулолаи усто Исмоил бо думбраю доира ва таблаксозӣ шуҳрати хоса дошт.

Дар ин авлод устоҳои маҳсию чоруқ, мӯзадузӣ низ будааст. Баъдтар ҳунару касби онҳоро Усто Ганҷал, Искандар Баҳромов, Файзулло Солеҳов, Усто Афзал Давлатов идомаи нек доданд. Торҳои сохтаи Файзулло Солеҳов аз деҳаи Сармайдон то ба дасти ҳофизони номӣ Одина Ҳошим, Зафар Нозим, ҳунарпешагони Озарбойҷону Ӯзбекистон расида буд, вале имрӯз касабаи онҳоро касе идома намедиҳад. Чун шогирдони шоистаю пайвандгари наслҳо пайдо нашуданд. Дигар аз чунин созтарошон зодаи деҳаи Чашмаи Гули Муъминобод усто Абдураҳмон Муродови 96-сола аст ва ҳоло муқими ноҳияи Восест. 45 сол боз ӯ дутору думбра, тор, сетор, ғиҷак, рубоб метарошад ва маҳсули дасти пурэъҷози ин марди ҳунар осорхонаи шаҳри Лос-Анҷелоси Амрикоро зинат медиҳад. Баъд бобои Пиракӣ Бурёбоф аз қамишҳо тутиқу най омода мекард. Дар деҳаи Ҷаллоқ ба мисли ӯ устои тутиқу найсоз Ҳасани маст машҳур буданд. Аз деҳаи Ҳанатарош бобои Зард таблаку дойра месохт. Аз деҳаи Тутқавул момаи Марҷон бо дойрасозию таблаксозӣ вирди забонҳо гашта буданд. Яке аз сокинони маркази ноҳияи Муъминобод Чилла Давлатов номгӯи зиёди созҳои зарбию ромишгариро сохта, ба ҳаводоронаш медод. Имрӯз кори ӯро усто Пираҳмад идома медиҳад. Имрӯз Ҳусейни Ҷамол, Абдураҳмони Тилло, усто Валихон ҳам созандагони думбра, рубоб, дойра, таблак, тутиканд.

Дар гузашта дар Кӯлоби бостону достон устоҳои зиёде буданд, ки онҳо аҳён-аҳён ёд мешаванд. Кори онҳоро имрӯз танҳо усто Нодир, Ҷалол аз шаҳри Кӯлоб, Сайидисломи усто Ғулом аз ноҳияи Ховалинг, усто Пираҳмад, усто Валихон аз Муъминобод, усто Бег ва Шариф Қурбонов аз ноҳияи Шамсиддини Шоҳин пеш мебаранд. Ба қавле ин гуна ҳунарварони созтарош ками андар кам мондаанд.

Чизи дигаре, ки боиси ташвиш аст, аз истифода баромадани танбӯр, сато, баландмақом, баландзиком, авлос, барбат, говдум, дабдаба, даф, зангбор, қошуқ ва дигар созҳои зарбию нафасист, ки барои эҳёву истифодаи онҳо на танҳо устоҳо, балки ҳунарварон низ заруранд.

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор



ДАРГУЗАШТИ ОХИРИН ИШТИРОКЧИИ ҶБВ АЗ ҲИСОР

Дар шаҳри Ҳисор иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) Раҷаб Исмонов дар синни 100-солагӣ аз олам даргузашт. Дар ин бора дар сомонаи расмии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор хабар дода мешавад.

Раҷаб Исмонов 5-уми октябри соли 1926 дар деҳаи Ҳаёти Нави ноҳияи Ҳисор ба дунё омадааст. Соли 1944 дар синни 18-солагӣ ба сафи Қуввaҳои мусаллаҳи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) даъват мешавад ва дар набардҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок мекунад.

Ӯ дар набардҳои барои аз фашистон озод кардани Украина ва Лаҳистон (Полша) ҷангида, Рӯзи Ғалабаро дар Берлин пешвоз гирифтааст. Баъди ба охир расидани ҷанг Исмонов ба ватан баргашта, то ба нафақа баромадан муддати 25 сол дар хоҷагии “50-солагии Октябр” дар Ҳисор ба ҳайси бригадир машғули кор буд.

Барои хидматҳояш бо ордену медалҳо, мукофотҳои давлатӣ ва ифтихономаҳо сарфароз гардонида шудааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр Ҳисор, Шурои собиқадорони ҷанг ва меҳнат, инчунин дигар ташкилотҳо ба пайвандону наздикони марҳум изҳори ҳамдардӣ карданд.

Бо марги Раҷаб Исмонов дар Тоҷикистон ҳамагӣ 9 нафар иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 бокӣ мондаанд.

Дар шаҳри Душанбе як нафар собиқадор - Бозор Нағзибеков ва дар вилояти Суғд ду нафар собиқадорон - Нозим Носиров ва Бибола Рӯзиматов иқомат доранд.

Дар вилояти Хатлон шаш нафар собиқадорон зиндагӣ мекунанд: Сафаралӣ Файзалиев, Машраб Давлатов, Гулмурод Тағоев, Мирзо Ғафуров, Ҳабиб Сафаров (ноҳияи Бохтар) ва Яҳё Мирзоев (Кӯлоб). Моҳи майи соли гузашта теъдоди собиқадорон 17 нафар буд.

ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ АМОНАТБОНК ДАР ҶАЛАСАИ ИББ СҲШ ДАР БИШКЕК

Рӯзҳои 21-23-юми апрели соли равон ҳайати Амонатбонк дар ҷаласаи ҳамоҳангсозон ва коршиносони бонкҳои аъзои Иттиҳоди байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай (ИББ СҲШ), ки дар шаҳри Бишкек баргузор шуд, иштирок намуданд. Ҳадаф аз иштирок дар ҷаласаи мазкур таҳкими ҳамкориҳои байнибонкӣ дар равандҳои молиявии минтақавӣ мебошад.





Дар ҷараёни ҷаласа дурнамо ва самтҳои калидии рушди минбаъдаи ИББ СҲШ барои солҳои 2027-2031, аз ҷумла масъалаҳои рақамикунонӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди сабз (ESG) мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Инчунин, оид ба ҳамоҳангсозии мавқеъ ва ташаккули равишҳои муштарак мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар доираи баргузории мулоқоту вохӯриҳои дуҷониба бо бонкҳои ҳамшарик, масъалаҳои марбут ба дарёфти роҳҳо ва усулҳои нави ҳамкорӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, нуқтаҳои тамос барои густариши робитаҳои минбаъда муайян карда шуданд. Дар мачмуъ, натиҷаҳои ҷаласа барои таҳкими мавқеи Амонатбонк дар доираи ИББ СҲШ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ташаббусҳои муштараки молиявӣ аҳамияти муҳим доранд.

ҲАМОИШИ ОМӮЗИШӢ ДАР ДОИРАИ GLOBAL MONEY WEEK



Дар доираи ҳафтаи байналмилалии молиявӣ - Global Money Week дар ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Спитамен, Нуробод ва Ванҷ бо иштироки намояндагони Амонатбонк, хонандагон, ҷавонон, кормандони муассисаҳои давлатӣ ва нафақагирон чорабиниҳои маърифатӣ-омӯзишӣ баргузор гардиданд.

Дар оғози ҳамоиш кормандони дастгоҳи марказии бонк бо маърӯзаҳо дар мавзуҳои «Пул ва идоракунии он», «Бучаи оила» ва «Пешгирӣ аз қаллобӣ ва бартарияти кортҳои бонкӣ» баромад намуда, ба иштирокдорон оид ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ маълумоти муфассал пешниҳод карданд. Аз ҷумла, масъалаҳои рушди низоми пардохти ғайринақдӣ, истифодаи барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳамёнҳои электронӣ, кортҳои пардохтӣ, «Интернет-банкинг», пешниҳоди қарз ва намудҳои пасандозҳои бонкӣ шарҳ дода шуданд.

Дар идомаи чорабинӣ миёни иштирокдорон озмуну викторинаҳо оид ба идоракунии дурусти маблағҳо баргузор гардида, ғолибон бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд. Ҳадафи чунин иқдомҳо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ва ташвиқи истифодаи воситаҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, дар доираи Global Money Week дар ноҳияи Нуробод бо иштироки намояндаи шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳраки Ғарм, масъулини раёсати Амонатбонк, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷавонон, кормандони муассисаҳои давлатӣ ва нафақагирон чорабинии маърифатӣ-омӯзишӣ баргузор шуд.

Нахуст намояндаи шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон Ҳайбулло Шарипов оид ба аҳамияти саводнокии молиявии аҳолӣ ва бартарияти пардохтҳои ғайринақдӣ суханронӣ намуд. Сипас кормандони дастгоҳи марказии раёсати Амонатбонк У. Буриев ва З. Файзуллоев бо рӯнамо дар мавзуҳои «Пул ва идоракунии он», «Бучаи оила» ва «Пешгирӣ аз қаллобӣ ва бартарияти кортҳои бонкӣ» баромад намуда, ба иштирокдорон оид ба низоми пардохти ғайринақдӣ, барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳамёнҳои электронӣ, кортҳои пардохтӣ, «Интернет-банкинг», пешниҳоди қарз ва намудҳои пасандозҳои бонкӣ маълумот пешниҳод карданд.

Дар идома миёни мактаббачагон озмуну викторинаҳо оид ба идоракунии пул баргузор гардида, ғолибон бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

КИТОБХОНАИ АМОНАТБОНК ҒОЛИБИ ОЗМУН

Китобхонаи Амонатбонк дар озмуни шаҳрии “Китобхонаи беҳтарин” аз рӯйи номинатсияи “Китобхонаи беҳтарини идоравӣ” сазовори ҷойи дуюм ва бо дипломи МИҲД-и шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуд.



Озмуни мазкур бо мақсади рушди устувори китобхонаҳо, таҳкими пойгоҳи моддиву техникии онҳо, густариши фарҳанги китобхонӣ дар оила ва ҷомеа, ҷалби мутахассисони соҳаи китобдорӣ ва баланд бардоштани маънавиёти сокинони пойтахт доир мегардад. Ҳамзамон, ин иқдом барои талқини арзишҳои миллӣ ва ташвиқи сокинон ба иштироки фаъол дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” нигаронида шудааст.

ФУРӮШИ АМВОЛ ДАР АМОНАТБОНК

АГАР ШУМО ХОҲИШИ ХАРИДИ БИНО, ХОНАИ ИСТИҚОМАТӢ, КОРХОНА Ё ДИГАР АМВОЛРО ДОРЕД, ПАС, ОНҲОРО АЗ АМВОЛҲОИ БА ФУРӮШ ГУЗОШТАИ АМОНАТБОНК ХАРИДОРӢ НАМОЕД.



АМОНАТБОНК

ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ЯК БАРНОМА

ПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ТАВАССУТИ АМОНАТМОБАЙЛ ЗУД, ҚУЛАЙ ВА БЕНАВБАТ АСТ. АМОНАТМОБАЙЛРО ЗЕРКАШӢ НАМУДА, АМАЛИЁТИ ГУНОГУНРО АНҶОМ ДИҲЕД:

- назорати ҳисоби бонкӣ 24/7;
- интиқоли маблағ;
- пардохти хизматрасониҳои давлатӣ;
- қурби асъор;
- пардохти хизматрасониҳо дар марказҳои савдо.

СИМОИ НОҲИЯИ КӮШОНИЁН БА КУЛЛӢ ТАҒЙИР ЁФТААСТ

КӮШОНИЁН ЯКЕ АЗ НОҲИЯҲОИ КАЛОНТАРИН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БУДА, БЕШ АЗ 262 ҲАЗОР АҲОЛӢ ДОРАД. ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН НОҲИЯИ КӮШОНИЁН БО ДАСТГИРИИ БЕВОСИТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ЗАҲМАТИ СОКИНОНУ МАСЪУЛОН ХЕЛЕ ОБОДУ ЗЕБО ГАРДИДААСТ. БО ЭЪМОРИ БИНОҲОИ БАЛАНДИ МАЪМУРИЮ ИСТИҚОМОТӢ, ТАҶДИДИ РОҲҲОИ МОШИНГАРД ВА ФАРОҲАМ КАРДАНИ ГУЛГАШТУ МАКОНҲОИ ФАРОҒАТӢ СИМОИ НОҲИЯИ КӮШОНИЁН БА КУЛЛӢ ТАҒЙИР ЁФТААСТ.



Хуршед Ҳайдарзода, мудири бахши меъморӣ ва сохтмонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён

Хуршед Ҳайдарзода, мудири бахши меъморӣ ва сохтмонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён дар суҳбат бо рӯзномаи “Тоҷикистон” гуфт, ки барои иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми майи соли 2022 таҳти рақами АП-188 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён нақша-чорабинӣ таҳия ва қабул гардидааст.

Ӯ мегӯяд, ки дар асоси нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида то сентябри соли 2026 сохтмон, таъмир ва азнавсозии 392 иншооти таъиноти гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия дар назар аст. То имрӯз 342 иншооти таъиноти гуногун сохта ба истифода дода шудааст, ки 87 дарсади нақшаро ташкил медиҳад.

- Ба хотири боз ҳам беҳтар кардани шароити таълиму тарбия, ба ғайр аз бино ва синфхонаҳои иловагӣ бунёди се муассисаи таълимии муосир дар назар аст. Ҳамчунин аз лиҳози соҳаи афзалиятнок будани маориф, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот сохтмони 19 муассисаи томактабӣ пешбинӣ гардидааст, ки баъди иҷрои корҳои сохтмонӣ фарогирии кӯдакон ба кӯдакистон ба таври назаррас баланд бардошта хоҳад шуд,- таъкид кард вай.

Хуршед Ҳайдарзода мегӯяд, ки дар ҳудуди ноҳияи Кӯшониён ба хотири таъмини сифатнокии хизматрасонии тиббӣ ва фароҳам кардани шароити боз ҳам хубтар барои сокинон бунёди 36 бунгоҳ ва маркази саломатӣ дар нақша аст.

Дар доираи панҷсолаи рушди саноат, таъмини сокинон бо ҷойи кори муносиб ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ дар ноҳияи Кӯшониён сохтмони 12 коргоҳу корхонаи гуногуни саноатӣ дар назар гирифта шудааст. Бо зиёд гардидани боғу токзор ва ба содирот омода кардани маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ, ҳамчунин бештар гардидани талабот, бунёди 2 сардхонаи муосиру замонавӣ дар нақша аст. 2 адад фермаи парандапарварӣ, 2 адад сардхона, 2 адад гармхона, 1 боғи фарҳангӣ, 3 адад сартарошхона, 69 адад синфхонаҳои иловагӣ, 4 адад сехи хурди дӯзандагӣ, 1 корхонаи коркарди қуму шағал, 1 адад корхонаи мевахушккунӣ, 1 адад корхонаи нассоҷӣ, 1 адад сехи хурди хиштҳои сементӣ, 1 адад корхонаи хурди коркарди маҳсулот аз офтобпараст, 1 корхонаи коркарди меваю сабзавот, 1 адад коргоҳи консерваю сабзавот, 2 адад сардхона, 137 адад мағозаи фурӯши молҳои ниёзи мардум, марказҳои хизматрасонӣ ва дигар хизматрасониҳо, 2 адад майдончаҳои варзишӣ, 1 адад майдони варзишӣ, 2 адад дорухона, (72 адад) 31280 метр таъмири роҳҳо, 3 адад таъмири пулҳо, 11 адад шинонидани трансформаторҳо, 4200 метр чароғонкунӣ ва иваз намудани симчӯбҳо, 4 адад биноҳои баландошёна, 4 адад таъмири капиталии бинои боғчаҳои кӯдакона ва 6 адад таъмири капиталии биноҳои муассисаҳои таълимӣ ба нақша гирифта шудааст, ки то соли 2026-ум зиёда аз 1205 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кор таъмин мегарданд.







Қайд кардан бамаврид аст, ки дар соли 2025 тибқи нақша-чорабинии тасдиқгардида дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, аз он ҷумла дар ҷамоати шаҳраки Бохтариён 11 адад ба нақша гирифта шуда, аз ин 13 адади он дар асоси қарори раиси ноҳия ба истифода дода шудааст, ки 118 фоизи кор иҷро карда шудааст, дар ҷамоати деҳоти Заргар 51 адад ба нақша гирифта шуда, 60 адади он ба истифода дода шудааст, ки 117 фоизи кор иҷро шудааст, дар ҷамоати шаҳраки И. Сомонӣ 10 адад ба нақша гирифта шуда, 7 адад ба истифода дода шудааст, ки 70 фоиз иҷро шудааст, дар ҷамоати деҳоти С. Истиқлол 27 адад ба нақша гирифта шуда, 29 адад ба истифода дода шудааст, ки 107 фоиз иҷро шудааст, дар ҷамоати шаҳраки Бӯстонқалъа 16 адад ба нақша гирифта шуда, 15 адад ба истифода дода шудааст, ки 94 фоиз иҷро шудааст, дар ҷамоати деҳоти Меҳнатобод 27 адад ба нақша гирифта шуда, 13 адад ба истифода дода шуда, 48 фоиз иҷро шудааст, дар ҷамоати деҳоти Навбаҳор 17 адад ба нақша гирифта шудаву 19 адад ба истифода дода шуда, 111 фоиз иҷро шудааст, дар ҷамоати деҳоти Ориён 2 адад ба нақша гирифта шуда, 5 адад ба истифода дода шудааст, ки 250 фоиз иҷро шудааст.

Тибқи нақша-чорабинӣ то имрӯз 161 адади бинову иншоот мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки 100 фоизи корҳо иҷро гардида, 15 нафар бо ҷойи кор таъмин шудаанд.

Лозим ба қайд аст, ки дар соли 2026 тибқи нақшаи тасдиқшуда 80 адад бинову иншоот ба нақша гирифта шудааст, ки 22 адади он то ба ин дам ба истифода дода шуда, 27,5%-ро ташкил медиҳад.

Машраби АЛОВИДДИН

ҶОМӢ ва НАВОӢ

БО КАДОМ ЗАБОН ҲАРФ ЗАДАНД?



ҚУРБОНИ СОБИР - ҲУНАРПЕШАИ МАРДУМИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИҶРОКУНАНДАИ НАҚШИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР ФИЛМИ МУШТАРАКИ “ДУРАХШИ АХТАРОН: ҶОМӢ ВА НАВОӢ” ҲАФТАИ РАВОН МЕҲМОНИ БАРНОМАИ “РӮ БА РӮ”-И ЮТУБ-КАНАЛИ PRESSA.TJ БУД. ФИШУРДАИ СУҲБАТИ ЭШОНРО МАНЗУРИ ШУМО МЕГАРДОНЕМ.

МУСОҲИБА БО ҚУРБОНИ СОБИРРО ДАР ЮТУБ-КАНАЛИ PRESSA.TJ ТАМОШО КУНЕД.



ТОҶГУЗОРИИ МИЛЛАТ

- Қабл аз он ки ба суҳбат оед, гуфтед, ки дар нахустнамоиши спектакли нави Театри Лоҳутӣ ҳастед. Он чӣ намоиш буд ва оё шумо дар он нақш бозӣ мекунед?

- Намоиш “Тоҷгузории миллат” ном дорад ва кори нави Театри Лоҳутӣ аст. Намоиш ба қалами Бароти Абдураҳмон таалluқ дорад ва дар коргардонии Султон Усмонов - саркоргардони театр ба саҳна гузошта шудааст. Қариб кулли мардҳои театр дар ин намоиш банд буданд. Ман ҳам аз хонаводаи Саффориҳо бародари Яъқуби Лайсро бозӣ мекардам, вале нақши ман дар муҳтавои намоиш нағунҷид ва маро озод карданд. Ва имрӯз ман намоишро ҳамчун тамошобин дидам. Бад набуд. Бачаҳо заҳмати зиёд кашидаанд. Чанд рӯзи оянда он пешкаши тамошобин мегардад.

- Яъне тамошобин метавонад симои Исмоили Сомониро бо камолу ҷамол дар саҳна бубинад?

- Ин намоиш дар бораи хонадони Сомонӣ аст ва албатта, Амир Исмоил низ дар меҳвари он қарор дорад.

- Дар бораи театр ва камбудиву дастоварди он зиёд мегӯем. Айни замон дар театри шумо кадом намоише ҳаст, ки дидани он бисёр муҳим аст?

- Намоишҳое, ки ман бозӣ мекунам, арзиши диданро доранд. Аз ҷумла “Фирдавсӣ” аз рӯйи асари устод Сотим Улуғзода ва “Хунхори Торросӣ” бо қалами Азиз Несин - нависандаи турк. Коргардони ҳар ду намоиш Султон Усмонов аст.

ДУ НАҚШ ДАР ЯК ФИЛМ

- Шумо дар филми муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон “Дурхаши ахтарон: Ҷомӣ ва Навоӣ” нақши Абдураҳмони Ҷомиро ичро кардед. Чӣ эҳсос доштед, вақте либоси Ҷомиро ба бар кардед?

- Э вой. Ин чӣ ифтихоре аст, ки ҳадду ҳудуд надорад...

- Аз саҳифаи коргардони филм огоҳ шудам, ки танзими филм ба анҷом расидааст. Чӣ интизорӣ доред?

- Ман ҳам дар ҳолати як бинандае қарор дорам, ки интизор аст филмро бубинад. Наворгирӣ чизи дигар аст ва бадбахтона, мо ҳунармандон намедонем, ки чӣ мешавад. Коргардон кадом саҳнаро мебурад ва кадомеро мемонад. Ман ҳам вақте хабардор шудам, ки танзими филм тамом шудааст, ба Файзуллои Файз - коргардони тоҷикистонии филм занг задам ва табрик карда, пурсидам, ки саҳнаи Ҷомиву Навоӣ дар биёбон ба филм ворид шудааст ё не? Ин саҳнае аст, ки ду нафар аз ҳамроҳони Ҷомӣ ва Навоӣ дар биёбон бо ҳам меҷанганд ва нохост аз гиребони яке салиби насронӣ меафтад. Ӯро гунаҳгор мекунанд, ки “шпион” аст. Ҳамин вақт Ҷомиву Навоӣ вориди майдон мешаванд ва Мавлоно мегӯяд, ки “ин нафар агар салиб ҳам дорад, аҳли насоро аст, инсон аст, набояд ӯро латукӯб кард...”. Вақте ҳамин саҳна сабт мешуд, офтоб ҳамин замон бояд ғуруб мекард. Мо тамрин накарда будем, вале лаҳзаро ҳам набояд аз даст медодем. Бе тамрин мо ин саҳнаро сабт кардем. Хеле мушкил буд, зеро он ду нафаре, ки бо ҳам меҷанганд, бо забони ӯзбекӣ суҳбат мекунанд, Навоӣ ҳам ӯзбекӣ суҳбат мекунад. Ман бошам, забони ӯзбекиро намедонам... Бисёр вақт чунин саҳнаҳои саросемаро коргардон ҳазф мекунад, вале Файзулло гуфт, ки ин саҳна ворид шудааст ба филм. Дилам ором шуд.

- Забони сабти филм чӣ тавр буд?

- Ҳар актёр, ки тоҷик бошад, тоҷикӣ ва ӯзбек бошад, ӯзбекӣ суҳбат мекард.

- Ин душвор нест?

- Ин таҷрибаи роиҷ дар таомоми дунё аст.

- Наметавонам дар мавриди интихоби шумо дар нақши Абдураҳмони Ҷомӣ суол надиҳам. Чун шумо аз ними филм ворид шудед ва қаблан дар ин нақш Маҳмадсаид Шоҳиён интихоб шуда буд.

- Ростӣ аз ин гапҳо гурехта намешавад, гарчанде дили одам намехоҳад, ки дар ин мавзуъ суҳбат кунад. Ман аз ними филм ворид нашудаам. Дар оғоз ман ҳам барои ичрои нақши Ҷомӣ тест дода будам. Дар байн чӣ гап шуд, намедонам, вале эълон карданд, ки ба ман нақши Узунҳасан ном шоҳи Астарободро додаанд. Албатта ман барои нақши Ҷомӣ умедвор будам, зеро корҳои то ин вақт кардаам, махсусан бозидани нақши Фирдавсӣ ба ман ҳақ медод, ки интизори ин нақш бошам. Вале вақте эълон шуд ва ман дидам, ки нақши Узунҳасан ҳам бад нест, ҳарфе нагуфтам. Корро сар кардем. 5-7 рӯз дар Душанбе саҳнаҳои маро сабт кардем ва ман ба Теҳрон рафтам.

- Барои ичрои ягон нақш рафтед?

- Не, банда Капитани дастаи футболи ҳунармандон ва блогерони Тоҷикистон ҳастам. Мо дар Теҳрон бозӣ доштем бо ҳунармандон ва блогерони эронӣ. Он вақт вазъият хуб буд. Дар ҳамин шабу рӯз ба ман занг заданд ва гуфтанд, ки ҳарчи зудтар баргардед. Чун ба Душанбе расидам, Маҳмадсаид Шоҳиён ба ман занг зад, вазъиятро фаҳмонд ва гуфт, ки рӯзи дигар ба Хуҷанд бояд равам барои сабти филм. Худаш бо мошинаш маро бурд, ба бачаҳо муаррифӣ кард ва мо хушу хурсандона корро сар кардем. Ин ҳарфҳоро ба он хотир мегӯям, ки дар байни мо нофаҳмӣ ва чизи дигаре набуд. Ҳамин тавр, ман корро сар кардам.

- Рӯзи аввали сабт чӣ гуна сипарӣ шуд?

- Хеле бад буд. Ман нометавонистам ворид шавам. Саҳнаеро сабт кардем, ки Мавлоно Ҷомӣ баъди дидани хобҳои бад бедор мешуд. Гӯё хеле осон, вале ман одат намекардам. Вақте сабт тамом шуд, аз наворбардори тошкандӣ, ки Диёр ном дорад ва бо ҳам дӯст шуда будем, пурсидам, ки корам чӣ хел буд? Ӯ гуфт, ки мехоҳӣ “комплимент” кунам ё ҳақиқатро гӯям? Гуфтам, ҳақро гӯ. Гуфт, ки бад буд. Ман хеле миннатдор шудам. Рассоми филм Тоҳирро гуфтам, ки бароям китобҳои Мавлоно Ҷомӣ ва ҳар адабиёте дар бораи ӯ ҳаст, пайдо кун. Ӯ ҳам китобҳоро пайдо кард. Аз рӯзи дигар ман ҳам мехондам ва ҳам нақш бозӣ мекардам. Ду-се рӯз гузашту Диёр гуфт, ки корат олӣ аст...

- Нақши Узунҳасанро кӣ бозӣ кард?

- Гуфтан мумкин аст, ки ман бо Маҳмадсаид нақшҳоямонро иваз кардем.

БАҲСИ “ХУСУРИ МАН”

- Вақтҳои охир бо синамогарони эронӣ, рус, ӯзбек ва чинӣ ҳамкорӣ доред. Дар муқоиса бо синамогарони мо чӣ фарқиятҳо мавҷуд аст?

- Ҷавоби ман мусбат аст. Бахусус баъди филми “Ҷомӣ ва Навоӣ” назари ман дигар шуд. Чун барномарезии бачаҳои мо хуб буд, дар муқоиса ба чиниҳо. Дар Чин як саҳнаро ҳамагӣ як маротиба сабт мекунанд ва 14 камера баробар сабт мекунанд. Агар ҳунарманд ҳарфашро фаромӯш кунад, ду қадам ақиб мемонад ва аз нав такрор мекунад. Ист кардан, аз нав сабт кардан нест. Онҳо вақтро сарфа мекунанд. Ин корро эрониҳо ҳам мекунанд. Ҳамсояҳои ӯзбекистонии мо нурпардозиашон хуб аст. Солҳои охир бачаҳои мо ҳам талош мекунанд, ки ба сатҳи лозимӣ бирасанд ва инро ман эҳсос мекунам.

- Дар бораи сатҳ гуфтед ва як суол ба зеҳнам омад. Шумо дар як филми ютубӣ, ки “Хусури ман” ном дорад, нақш мебозед. Бисёре аз аҳли ҳунар мегӯянд, ки чунин филмҳо дар сатҳи Қурбони Собир нест...

- Ба худам ҳам мегӯянд. Ва шояд то дараҷае ҳақ бошанд. Вале ба ман ҳам ҳақ диҳед. Ҳунарманд ҳам зиндагӣ дорад. Мо дӯкон надорем ва аз ҷойи дигаре даромад намегирем. Ниёзҳои зиндагӣ моро водор мекунанд. Дигар ин ки, камбудиҳои “Хусури ман” аз он ҷост, ки хеле таъҷилӣ рӯйи навор меояд, зеро мардум онро интизорӣ мекашанд...

- Аз миллион нафар бештар тамошо мекунанд...

- Дар як рӯз чанд миллион нафар тамошо мекунанд.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

БА МУНОСИБАТИ 115-СОЛАГИИ ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН, УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

ЯК МИЛЛИОНИ ТУРСУНЗОДА БА ИСФАРА

Хотираи чаҳор дидор бо устод

БАНДА ДАР ДАВОМИ УМРИ ХУД ЧАҲОР МАРОТИБА ШАРАФЁБ ШУДААМ, КИ БО АБАРМАРДИ МАЙДОНИ НАЗМИ ОЛАМГИРИ ТОҶИК, ЧЕҲРАИ ДУРАХШОН, ДОРАНДАИ ЧАНДИН ҶОИЗАҲОИ ВАТАНИВУ БАЙНАЛХАЛҚӢ, УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА ВОХӮРДАВУ СУХАНҲОИ ШИРИНУ ГУВОРО ВА ЗАРОФАТОМЕЗАШОНРО ШУНАВАМ.



Бори нахуст

БИНОКОРОНИ “ҚАЙРОҚҚУМ”

Соли 1955, ҳангоми ба истифода дода шудани НОБ-и “Қайроққум”, ки он вақт моён муҳассилини соли аввали Институти педагогии ш. Ленинобод ба номи С. М. Киров будем, устод суханронӣ карда, бинокоронро бо шеъре табрик намуда буданд, ки мисраъҳои зерини он дар хотирам нақш бастаанд:

Бидидам, пеши назар
дарёи Сир омад,
Намуди дилфиреби
боғҳои беназир омад...
Дил омад баҳри табрики
бинокорони Қайроққум...

Бори дувум

ГИЛАИ ҒАФФОР МИРЗО

Соли 1956 дар маҷлисгоҳи Кумитаи вилоятии Ҳизби коммунист, ки он ҷо шоирону нависандагон Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Муҳиддин Аминзода, Ҳоҷӣ Содиқ, Ғаффор Мирзо ва дигарон Мирзо Турсунзодаро ҳамроҳӣ мекарданд. Ба хотир дорам, вақте сухан ба Ғаффор Мирзо дода шуд, ӯ гуфт:

- Агар дар магазинҳои нонфурӯшӣ нон ба фурӯш рафтаву нон ёфт нашавад, мардум зиқ мешаванд, вале агар дар магазинҳои китобфурӯшӣ асарҳои шоир ва нависанда пайдо нашавад, он адиб хурсанд мешавад, ки мухлисонаш зиёд будаанд. Имрӯз, вақте мо аз магазинҳои китобфурӯшӣ дидан кардем, аз асарҳои Турсунзодаву Улуғзода ва Раҳим Ҷалилу Муҳиддин Аминзода нишонае набуд ва эшон хеле хурсанд шуданду ман хеле ғамгину дилтанг. Китобҳои ман дар рафҳо хов... Хонандаҳои Ленинобод асарҳои мара намехондиян...

Дар паҳлуи ман ҳамсинфу ҳамкурсам, баъдан олими намоён Саъдуллохон Наимбоев менишаст, ки аксар шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода ва достонҳои Ғаффор Мирзо, бахусус “Асрор”-ро, ки ҳамон шабу рӯз чоп шуда буд, азёд медонист. Ӯ дам назада хомӯш менишаст, зеро хеле хоксору шармгин буд. Бо исрор хоҳиш намудам, ки ҷавобан ба ин баромади Ғаффор Мирзо ба минбар баромада, аз эҷодиёти ӯ ва Мирзо Турсунзода шеъре қироат намояд, вале ӯ занҷири шарму ҳаёро ҳеҷ раҳо намекард. Барои далериву ҷасорат бахшидан ба ӯ худ ба саҳна баромада, порае аз достони “Асрор” ва як шери бачагонаи шоир “Гунҷишкак”-ро қироат намудам. Пас, Саъдуллохон ҳам ба минбар баромада, аз достони навэҷоди Мирзо Турсунзода “Садои Осиё” ва ду достони Ғаффор Мирзо порчаҳо хонда дод. Ғаффор Мирзо аз ҷой бархоста, назди минбар омаду Саъдуллохонро оғӯш намуда, “илоҳо барака ёбед!” гуфт ва намедонист чӣ гуна хурсандиашро баён намояду маълум буд, ки аз баромади худаш дар хиҷолат аст.

Бори савум

ЯКТА ПОЯШ ДАР ҶАНУБУ ЯКТА ПОЯШ ДАР ШИМОЛ

Агар хато накунам, моҳи марти соли 1957 бояд бошад. Гурӯҳи калони адибону санъаткорон пас аз иштирок дар Даҳаи адабиёт ва санъати халқи тоҷик аз Ӯзбекистон бармегаштанд. Ин вохӯрии фаромӯшнопазир дар толори факултаи забонҳои хориҷии донишгоҳ баргузор шуда буд. Дар саҳна устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил, Атахон Сайфуллоев ва чанде дигарон.

Суханронии олим ва шоири бузург Абдусалом Деҳотӣ, самимияти эшон нисбат ба ҳозирин



- донишҷӯён ҳаргиз аз лавҳи хотирам дур намеравад. Гуфтанд: “Мо дар хурдсолӣ медидем, ки чӣ хел самолётҳо аз болои кӯҳҳо хеле баланд парвоз мекунанд. Сабабашро мегуфтанд, ки агар паст парвоз кунанд, оҳанрабои кӯҳ самолётро ба худ мекашидааст. Вале то ин дам надидаем ва нашунидаем, ки оҳанрабои кӯҳ ягон самолётро кашида бошад. Аммо вақте мо аз Тошканд сӯйи Душанбе парвоз мекардему аз болои шаҳри Ленинобод мегузаштем, меҳри шумоён - хонандагони азиз самолёти моро бо чунон қувваи бузург ба худ кашид, ки ночор ба замин фуруд омадем ва инак мо дар ҳузури шумо. Маълум мешавад, ки меҳри шумо - хонандагони гиромӣ аз қувваи оҳанрабо ҳам зӯртар будааст. (Кафкӯбиҳои пурмавҷ...). Пас, ҳозиринро муаррифӣ карда, риштаи суханро ба Устод Мирзо Турсунзода дода, рубоии зеринро қироат карданд:

Якта пояш дар Ҷанубу
Якта пояш дар Шимол,
Гаҳ ба Мағриб, гаҳ ба Машриқ
мекушояд парру бол.
Ҳамчу мурғи сулҳ мепарад
ҷавлон зада,
«Икки дунё бир қадамдир
энди Мирзо олдида».

Устод Мирзо Турсунзода аз таассуроти худ, аз сафари Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дӯстии халқҳо суханҳои ҷолиб гуфтанд ва шеърҳои «Оҳанрабо» ва «Бозгашт»-ро аз силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» хонда доданд. Савти шеърхонӣ, овози марғуладори устод то ҳол дар гӯшҳоям садо медиҳанд:

Чун ниҳодам пои худро
бар сари хоки Ватан,
Борҳо бӯсидам аз рухсораи
поки Ватан.
Хешро мебинам акнун боз
дар оғӯши ӯ,
Боз мехонам суруди тозае
бар гӯши ӯ.

Бори чаҳорум

ХУШГӮЙИҲОИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Вохӯрӣ дар Кохи фарҳанги кимиёгарони ш. Исфара рӯзи 25-уми майи соли 1977 ба амал омад. Шоири ширинсухан ва зарофатгӯй Боқӣ Раҳимзода устодро ҳамроҳӣ мекарданд. Устод Мирзо Турсунзода ин дафъа ба назар хеле хастаю мондашуда мерасиданд ва осори заҳмату талошҳои зиёд дар роҳи сулҳу вахдат, ягонагии халқҳо ва ташвишҳо баҳри озодии миллатҳои мазлум осон набуд. «Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре» гуфтанҳои шоир дар чеҳраи эшон бараъло ҳувайдо буд. Бо вуҷуди ҳамаи ин зиндадилу хушсуҳбат ва булбулнаво буданд.

«Ман фарзанди Исфара ҳастам, як сол мешавад, ки бо шумоён дидорбинӣ накардаам, вале дер омада бошам ҳам, шер омадам ва бо дасти холӣ наомадам, ана ин 1 миллион чек барои равнақи шаҳри азизам» гӯён, онро ба директори онвақтаи заводи чароғҳои рӯшноидиҳанда Ҷаббор Расулов супориданд. (Ин як миллион, тасаввур кунед, он вақт андак-мундак маблағ набуд...).

Ин лаҳза як рубоии ҳанӯз ба шарафи 50-солагии зодрӯзи устод соли 1961 эҷодкардаам ба хотир расид:

Хушбахт касе, ки гирди
олам гардад,
Бар аҳли ҷаҳон чун ту
мукаррам гардад.
Раҳ дар дили софи халқи
дунё ёфта,
Монандаи ту азизу
аъзам гардад...

Сухан ба шоири хушбаён, устод Боқӣ Рахимзода дода шуд. Эшон ба минбар баромадан ҳамон пайкари азимчусса ва чеҳраи пуртабассуми он касро дида, аҳли толор ба завқ омаданд. (Хушҳолӣ дар толор). Ҳама нигарони он будем, ки чӣ мегуфта бошанд.

- Ба Конибодом омадем,- сухан оғоз карданд Боқӣ Раҳимзода,- Мирзо гуфт, ки ман фарзанди Исфара, ба он ҷо меравам. Гуфтам, ки ман ҳам меравам. Мирзо гуфт, ки Исфара макони париҳо, о, ту як ҳайкали безеб дорӣ, мисли дев, он ҷо ту чӣ кор мекунӣ? Ман гуфтам, агар ман дев бошаму он ҷо париҳо, пас ман ҳам ҳатман меравам. Зеро халқ мегӯяд «Ҳар ҷо, ки паривашест, деве бо ӯст». (Хушҳолӣ дар толор...). Ин лаҳза як рубоии устод Лоҳутӣ ба ёдам омад:

Ҳар ҷо, ки дар миён Боқӣ бошад,
Дилро зи чаҳон на ғам, на боке бошад.

Расо чор моҳ сипарӣ шуд аз ин дидорбинӣ бо шахсони муътабар ва шоҳсутунҳои назми оламгири тоҷик. Хабари шуме ба гӯш расид: рӯзи 24-уми сентябри соли 1977 дили пур аз меҳри Мирзо Турсунзода аз задан бозмонд...

Бо алам ва ҳасрати ҷонгудоз аз забони Восифии бузургвор гуфтам:

Дареғу дард аз ин
мардумон, ки хок шуданд,
Ба теғи марг ҷигаррешу
синачок шуданд...

Бобо ТӮЙЧИЗОДА, собиқадори меҳнат, Аълочии маориф ва илми ҶТ, узви ИЖТ

БУҲРОНИ СОҲАИ КИТОБДОРӢ

Сабабҳо ва дурнамои рушди он

I. МУҚАДДИМА

Китобхона танҳо ҷойи нигаҳдории китоб нест, балки муассисаи муҳими фарҳангӣ, илмӣ ва маърифатист, ки дар ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳёи арзишҳои маънавӣ ва болоравии сатҳи маърифатию донишмандии ҷомеа нақши калидӣ мебозад.

Барои миллати тоҷик, ки таъриху фарҳангаш саршор аз дӯстдорӣ ва эҳтиром ба китоб аст, китобхона аз қадимулайём маркази илму маърифат, фарҳанг ва худшиносӣ маҳсуб меёбад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотии муосир, ки бо коҳиши таваҷҷуҳи ҷомеа ба китобҳои чопӣ ва болоравии талабот ба маводи электрониву рақамӣ ҳамроҳ аст, китобхонаҳои анъанавӣ дар ҳолати буҳрони сохторӣ қарор доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин фароянд бо камшавии талаботи аҳолӣ ба китобхонаи анъанавӣ, фарсудашавии пойгоҳи моддиву техникӣ, камбуди кадрҳои соҳибихтисос ва сатҳи пасти рақамигардонӣ зоҳир мегардад. Ёддошти мазкур бо такя ба маълумот ва таҳлилҳои ҳуҷҷатҳои расмӣ тайёр гардида, ҳадаф аз он муайян намудани омилҳои асосии буҳрон, арзёбии ҳолати кунунӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои рушди минбаъдаи соҳаи китобдории анъанавӣ мебошад.

II. ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСИИ СОҲАИ КИТОБДОРӢ

Ба ҳолати миёнаи соли 2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1363 китобхонаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолият менамуданд, ки тамоми минтақаҳои маъмурии кишварро фаро мегиранд. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои омӯзиши саҳроӣ нишон медиҳанд, ки китобхонаҳо, дар маҷмуъ, ба буҳрони ҷиддии сохторӣ рӯ ба рӯ шудаанд.

1. ФАРСУДАШАВИИ ПОЙГОҲИ МОДДИВУ ТЕХНИКӢ

- *Наздики 40 дарсади китобхонаҳо дар ҳолати садамавӣ ё ниҳоят кӯҳнашавӣ қарор доранд;*
- *Беш аз 150 китобхона дар ҷойҳои ғайримуносиб - масалан, манзилҳои истиқоматӣ, биноҳои идорӣ ё муассисаҳои тиббӣ ҷойгир шудаанд;*
- *95 фисади китобхонаҳои деҳотӣ шароити зарурии нигаҳдории дурусти китобҳоро надоранд.*

Ин ҳолат боиси аз байн рафтани қисми зиёди захираҳои китобхонавӣ ва талафи арзишҳои фарҳангӣ мегардад.

2. КАМБУДИ КАДРҲОИ СОҲИБИХТИСОС

- *Ба ҳисоби миёна танҳо 10-11 фисади кормандони китобхонаҳо маълумоти олии касбӣ доранд;*
- *Дар баъзе ноҳияҳо (Лахш, Балхӣ, Ҷайҳун, Рашт ва ғ.) умуман китобдорони боихтисос вуҷуд надоранд;*
- *Низоми ягонаи омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо амал намекунад.*

Ин боиси паст шудани сифати хизматрасонӣ ва маҳдуд шудани доираи ибтикороту ташаббусҳои инноватсионӣ мегардад.

3. АҚИБМОНИИ ИТТИЛООТИВУ ТЕХНОЛОГӢ

- *Беш аз 80 дарсади китобхонаҳо компютер надоранд ё таҷҳизоти онҳо корношоям аст;*
- *Танҳо баъзе китобхонаҳои шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятӣ ба шабакаи "Интернет" пайваст мебошанд;*
- *Дар аксари минтақаҳо каталогҳои электронӣ, пойгоҳи маълумот ва китобхонаҳои онлайнӣ вуҷуд надоранд;*
- *Зиёда аз 90 дарсади китобхонаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳузур надоранд.*

Ҳамин тавр, китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷараёни ҷаҳонии рақамисозӣ то ҳол дар канор мондаанд.

4. КАМБУДИ ЗАМИНАИ ҲУҚУҚИВУ МОЛИЯВӢ

- *80-90 дарсад китобхонаҳои деҳотӣ санадҳои меъёрӣ - низомнома, оиннома ва дастурҳои вазифавӣ надоранд;*
- *Буҷети ҷудошуда барои харидани китоб ва таҷдиди техника нокифоя аст;*
- *Дар баъзе ҳолатҳо биноҳои китобхона ба мақсадҳои тиҷоратӣ истифода мешаванд (масалан, филиали №17 дар шаҳри Кӯлоб).*

Ин ҳолат нишонаи заъфи ниходӣ (институтсионалӣ) ва набудани назорати давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ мебошад.

III. САБАБҲОИ АСОСИИ БУҲРОН

1. *Нигоҳ доштани модели кӯҳнаи идоракунӣ аз замони шуравӣ бидуни мутобиқсозӣ ба талаботи нав;*
2. *Паст будани сатҳи аҳамияти давлатӣ ва буҷетии соҳаи фарҳанг, аз ҷумла китобдорӣ;*
3. *Набудани стратегия ва барномаи рақамисозии миллӣ дар соҳаи китобдорӣ;*
4. *Паст будани мақоми иҷтимоии касби китобдор, музди ночизи меҳнат ва рафтани мутахассисон аз соҳа;*



Зафар Шералӣ Сайидзода, мудири шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фиристодаи Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих

5. *Камбуди ҳамгироӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;*
6. *Нобаробарии рушди минтақавӣ - фарқи ҷиддӣ миёни китобхонаҳои пойтахт ва ноҳияҳои дурдаст;*
7. *Буҳрони фарҳанги мутолиа, махсусан миёни ҷавонон, ки таваҷҷуҳи онҳо бартаран ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаву маводҳои рақамӣ равона шудааст.*

IV. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МИНБАЪДА

Бо вуҷуди мушкилиҳои ҷойдошта, низоми китобдорӣ дар кишвар дорои захираҳои бузурги фарҳангиву илмӣ мебошад. Бо пуштибонии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва бо шарофати таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон дорад, ки аз модели анъанавӣ ба низоми муосири китобхонаҳои миллӣ гузар карда шавад.

1. ТАКМИЛИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИВУ НИҲОДӢ (ИНСТИТУТСИОНАЛӢ)

- *Таҳия ва тасдиқи Стратегияи миллии рушди соҳаи китобдорӣ то соли 2035;*
- *Ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи фаъолияти китобхонаҳо;*
- *Таъсиси Шурои ҷумҳуриявии сиёсати китобдории назди Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ;*
- *Таъмини назорати қатъӣ аз болои истифодаи мақсадноки биноҳои китобхона.*

2. РАҚАМИСОЗИИ СОҲА ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Татбиқи барномаи ҷумҳуриявии «Китобхонаи электронии Тоҷикистон», ки инҳоро фаро хоҳад гирифт:

- *ташкили корпояи (платформаи) миллӣ бо каталоги ягонаи электронӣ ва захираҳои рақамӣ;*
- *рақамигардонии китобҳои нодир ва арзишманд;*
- *пайваст кардани ҳамаи китобхонаҳои марказӣ ба "Интернет";*
- *ворид намудани нармафзорҳои иттилоотии китобдорӣ;*
- *ташкили китобхонаҳои мобилӣ ва толорҳои хонандаи виртуалӣ дар деҳот.*

3. СИЁСАТИ КАДРӢ ВА ТАЪЛИМӢ

- *Эҳёи факултетҳо ва кафедраҳои китобдорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ;*
- *Ташкили Маркази миллии омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои китобдорӣ дар назди Китобхонаи миллӣ;*
- *Ҷорӣ намудани унвон ва имтиёзҳои иҷтимоии «Китобдори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;*
- *Таҳкими ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои илмӣ.*

4. БЕҲСОЗИИ ИНФРАСОХТОР

- *Амалӣ намудани Барномаи давлатӣ оид ба сохтмон ва таъмири китобхонаҳои деҳот (солҳои 2026-2030);*
- *Ҷалби сармояи буҷети маҳаллӣ, соҳибкорон ва ташкилотҳои байналмилалӣ;*
- *Ташкили китобхонаҳои намунавӣ дар ҳар як минтақа.*

5. ДАСТГИРИИ МУНДАРИҶАИ КИТОБ ВА НАШРИЁТ

- *Танзими нашр ва тақсими китобҳо мутобиқ ба шумораи китобхонаҳо, аз байн бурдани ҳар гуна миёнаравҳо миёни нашриётҳои калон ва китобхонаҳои кишвар дар мавриди хариду фурӯши китобҳои чопӣ;*
- *Ташкили Хазинаи хариди китобҳои нави чопӣ ва осори адибони миллӣ;*
- *Пуштибонии тарҷумаи асарҳои илмӣ ва таълимӣ ба забони тоҷикӣ.*

6. ҲАМГИРОӢ БО СОҲАҲОИ МАОРИФ ВА ФАРҲАНГ

- *Густариши иштироки китобхонаҳо дар барномаҳои миллӣ:*

("Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат»);

- *Пайваст кардани китобхонаҳои мактабӣ ва донишгоҳӣ ба низоми ягонаи иттилоотӣ;*
- *Роҳандозии барномаҳои таблиғотӣ барои рушди фарҳанги мутолиа.*

V. ПЕШБИНИҲО ВА НАТИҶАҲОИ ИНТИЗОРШАВАНДА

Дар сурати татбиқи пайгиронаи чораҳои пешниҳодшуда то соли 2030 чунин натиҷаҳо пешбинӣ мешаванд:

- *100 дарсад китобхонаҳои марказӣ бо "Интернет" ва компютер таъмин мегарданд;*
- *на кам аз 60 фисад захираҳои китобхонаҳо шакли рақамӣ мегиранд;*
- *ҳиссаи кормандони соҳибихтисос то 50 фоиз афзоиш меёбад;*
- *теъдоди хонандагони китоб 2-2,5 маротиба зиёд мешавад;*
- *китобхонаҳо ба маркази фарҳангиву иҷтимоии ҷомеа табдил меёбанд.*

VI. ХУЛОСА

Китоб ва китобхона пояи маънавӣ ва фарҳангии миллат мебошанд. Эҳёи китобхонаҳо ва рушди соҳаи китобдорӣ на танҳо масъалаи фарҳангӣ, балки масъалаи стратегӣ ва умумидавлатӣ аст, ки бо сиёсати маърифатпарваронаи Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамоҳанг аст. Танҳо аз тариқи эҳтиром ба китоби чопию электронӣ ва эҳёи мақоми китобхона метавонем наслеро тарбия намоем, ки ҳофизи таърих, забон ва фарҳанги тоҷикон бошад ва дар ҷаҳони муосир бо ифтихор аз ҳувияти миллӣ зиндагӣ кунад.



ТАВРЕ АЗ ТАДҚИҚОТИ ОЛИМОНИ СОҲАИ ТИБ БАРМЕОЯД, КАСОНЕ, КИ ДОИМО ПИЁДА САЙРУГАШТ МЕКУНАНД, НИСБАТ БА ШАХСОНИ КАМҲАРАКАТ АҲЁНАН ДУЧОРИ БЕМОРИҲО МЕГАРДАНД. БУҚРОТИ ҲАКИМ (ГИППОКРАТ) ПИЁДАГАРДИРО «БЕҲТАРИН ВОСИТАИ ТАБОБАТИ РАНҶУРИҲО» НОМИДА БУД.

ХОҲӢ НАПЕЧӢ БА ДАРД, ҲАМЕША ПИЁДА ГАРД...

Пиёдагардӣ хавфи гирифторшавӣ ба бемориҳои дил, инсулт ва фарбеҳиро кам месозад. Сайругашти ҳамарӯза диабетро пешгирӣ намуда, ба азхудкунии инсулин барои организми инсон мусоидат мекунад. Пиёда гаштан кори мағзи сарро беҳтар карда, баҳри хоби бароҳат ва мубориза бо афсурдаҳолӣ ёрӣ мерасонад.

Олимони Донишгоҳи Калифорнияи Ҷанубӣ исбот кардаанд, ки 15 дақиқа пиёда гаштан нисбат ба доруи оромкунандаи асаб ҳолати изтиробии инсонро беҳтар мегардонад.

Карл Касперсон аз Маркази назорат ва пешгирии бемориҳо дар Атланта (Иёлати Ҷорҷия) мегӯяд: «Агар шахсони идоранишину камҳаракат ҳамарӯза 30 дақиқа пиёда гарданд ва тезтар ҳаракат намоянд, метавонанд хавфи гирифторшавӣ ба бисёр бемориҳоро кам кунанд».

Пиёдагардӣ ба одамони гуногунсол нафъ дорад ва ягон хел машқу тайёриро талаб намекунад. Кӯшиш кунед, ки ҳангоми пиёдагардӣ пойафзолатон танг набошад. Пойафзоли сабук пӯшидан беҳтар аст. Баъзеҳо ҳангоми гардиш бо худ дар зарфе оби чӯшонида мегиранд.

Дар ҳавои гарм он барои рафъи ташнагӣ ба кор меоянд. Духтурон маслиҳат медиҳанд, ки ҳангоми роҳравӣ қоматро рост гирифтан лозим аст. Авval оҳиста ба роҳ даромада, сипас суръати ҳаракатро афзудан зарур аст. Касоне, ки бори аввал пиёдагардии нимсоатаро интихоб мекунанд, метавонанд то ду ҳафта дар нисфи роҳ кам-кам дам гиранд. Аммо агар дар вақти пиёдагардӣ нафаскашӣ душвор шуда, дар қафаси сина дард эҳсос гардад, сар чарх занаду дил бехузур гардад, дар сояи дарахте дам гирифта, ба духтур мурочиат кардан даркор аст.

Рӯзе ним соат пиёда гаштан баданро солиму бардам нигоҳ медорад. Дар як соат ба ҳисоби миёна панҷ-шаш километр роҳро тай кардан маслиҳат дода мешавад.

БОИМҶОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ДАРМОНБАХШИ ОН

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таркиби боимҷон аз 93,2% об, қариб 3% шакар, то 1,2% намаки калий, калтсий, магний, каротин, витаминҳои B2 ва C иборат буда, истеъмоли он махсусан барои одамони солхӯрда муфид аст.

Дар таркиби боимҷон моддае бо номи мелонген мавҷуд аст, ки хусусияти зиёди шифоӣ дорад. Ин модда дар меваи боимҷон ҳангоми пухта расиданаш ҷамъ мешавад.

Боимҷон ба сифати ғизои табобатӣ барои муолиҷаи бемории варами рагҳои хунгузар муфид аст. Истеъмоли мунтазами он миқдори холестерини таркиби хунро то ба 50% кам мекунад.

Онро ҳамчун давои беҳтарин барои шахсони гирифтори бемории қалб дар шакли ҳаб (таблетка) дар дорухонаҳо тавсия мекунанд.

Дар баробари ин, боимҷон барои муолиҷаи бемориҳои гурда, ҷигар, меъдаву рӯда ва сахтшавии меъда давои хуб аст.

Шарбати нимпухтаи боимҷон қобилияти бактериякушӣ дорад. Яъне, он барои илоҷи захмҳои решдори пӯст малҳами хубест. Ҳамчунин, агар нохост ягон ҷойи аъзои бадан захмӣ шавад, ба ҷои зелёнка шарбати боимҷонро истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Калийи зиёди таркиби он ба муътадил намудани кори дил ва хориҷ кардани моеи зиёдатӣ аз организм мусоидат мекунад.

На танҳо боимҷони навпухтарасида, балки хушккардашудаи он низ барои гирифторони бемории дил фоидаовар аст. Барои ин боимҷонро карч карда, хушк мекунанд ва нигоҳ медоранд.

Барои тайёр намудани шарбати дармонбахш як миқдор боимҷони хушккарда ва резакардаро ба 1 литр об андохта, муддати 20 дақиқа бояд чӯшонид. Маҳлули ҳосилшударо ба сифати давои дарди дандон ва милкҳо истифода мебаранд.



Тақвими Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи нав дар фикри обод кардани ояндаатон шаведу барои ҷустани бахти худ камари ҳиммат бандед. Рӯзи сешанбе ҳангоми мошин рондан эҳтиёткор ва бодиққат бошед, вагарна хавфи ба садама дучор шудан дар назар аст.



Савр
21.04 - 21.05

Ҳафта бо хабарҳои хушу гуворо оғоз меёбад. Рӯзи сешанбе орзуи деринатон ҷомаи амал мепӯшаду ошиқатон сухан аз хонадоршавӣ оғоз менамояд. Нимаи дуюми ҳафта дӯсти наздикатон ба моҷарое рӯ ба рӯ мешаваду муҳтоҷи кумаки шумо мегардад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Вақти он расидааст, ки каме дар бораи худ фикр кунед. Саломативу ҳолати рӯҳии шумо ниёз ба табобат дорад. Дар коргоҳ душманон хатоҳоятонро ҷуста, дар назди роҳбарият шуморо сиёҳ кардан мехоҳанд. Бодиққат бошеду ҳуҷҷатҳоро бе назорат нагузоред.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта каме саросемаву бетоқат мешавед, ки тамоми корҳоятон нотамом мемонанд. Шитобкорӣ накарда, асабҳоятонро ором кунонида, аз дӯсти наздикатон кумак ва маслиҳат пурсед. Нимаи дуюми ҳафта ошиқатон аз нобоварӣ ба ишқу муҳаббати шумо сухан мекушояд.



Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта бо ҳодисаҳои ачибаш шуморо дар ҳайрат мегузорад. Рӯзи сешанбе пайдо шудани дӯсте, ки тӯли чандин сол надидаву ташнаи дидораш будед, дар назар аст. Рӯзи панҷшанбе пеш аз хона баромадан куштани барқу газро фаромӯш насозед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ҳафтаи нав кӯшиш мекунед, ки ҳамаи корҳоро зуд анҷом диҳед, вале бо саросемагӣ худро хандахариши атрофиён мекунед. Агар ҳис кунед, ки қуввататон намерасад, метавонед ба дӯстонатон муроҷиат карда, аз кумакашон бахраманд гардед.



Мизон
25.09 - 22.10

Давоми ҳафта худро дар назди роҳбарият ширин карданӣ мешаведу якбора чанд корро ба гардан мегиред, ки аз уҳдаи ҳаллашон дар танҳоӣ баромадан ғайриимкон аст. Нимаи дуюми ҳафта барои нафароне, ки бо тиҷорат машғуланд, бобарор меояд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта як қатор мушкилиҳо пеш меоянду шуморо дар ҳолати ногувор мегузоранд. Бештар ба қувваи худ бовар кунеду ба касе даҳон накушоед, вагарна шуморо нодуруст мефаҳманд. Дар коргоҳ барои меҳнатҳои содиқонаатон бо мукофотпулӣ қадр карда мешавед.



Қавс
25.11 - 21.12

Нимаи дуюми ҳафта фикри корҷӯӣ ба саратон меояд, вале саросема набояд шуд. Зеро «дарахт дар як ҷо месабзад» гуфтаанд. Лекин агар кори хуб ва даромаднокро пайдо кардед, ҳатман розӣ шавед. Охири ҳафта сафари корӣ дар назар аст.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта зиндагиятонро мушкилиҳои ҳалталаб ноором мекунанд. Шумо бояд ба ҳама нокомӣ ва нобаробарӣ тайёр бошеду худро ба даст гиред. Нимаи дуюми ҳафта хабари нохуше табъатонро хира мекунаду дасту дилатонро аз зиндагӣ сард мегардонад.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта каме нотоб мешавед, вале беаҳамиятӣ накунед. Фаромӯш насозед, ки саломатӣ ганҷи бебаҳост. Нафарони муҷаррадро омадани хостгорҳо интизор аст. Ҳолати молиявиатон муътадил асту даромади начандон калонро интизор бошед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ин ҳафта тамоми коратонро як тараф гузореду ба худатон бештар аҳамият диҳед. Вақтҳои холигиатонро миёни чор девор нагузаронеду бо дӯстонатон ба тамошо равед. Нимаи дуюми ҳафта мушкилоте пеш меоянд, ки ду роҳи ҳал доранд.

АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА

доктори фахрии Институти шарқшиносии Русия

ДОНИШМАНДИ МАЪРУФИ ТОҶИК, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ, ПРОФЕССОР АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА БА УНВОНИ ДОКТОРИ ФАХРИИ ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ РУСИЯ (HONORIS CAUSA) САРФАРОЗ ГАРДИД.



Чунин қарорро шурои илмии муассисаи мазкур дар ҷаласаи 4-уми марти соли 2026 қабул намудааст. Дар номаи расмии роҳбарияти институт, ки бо имзои академик В. В. Наумкин тасдиқ шудааст ва он ба дасти мо расид, зикр мешавад, ки ин унвон ба хотири саҳми назарраси олим дар таҳқиқи таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва рушди илмҳои гуманитарӣ ба ӯ дода шудааст.

Дар ҳуҷҷат таъкид гардидааст, ки корҳои илмии Абдунабӣ Сатторзода бо фарогирии васеи масъалаҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ, ҳамчунин бо равиши интиқодӣ ва аслияти таҳқиқотӣ арзиши баланди миллӣ ва байналмилалӣ доранд. Ба хулосаи шурои илмии Институти зикршуда, пажӯҳишҳои Абдунабӣ Сатторзода марзҳои равишҳои байнисоҳавиро дар илмҳои гуманитарӣ густариш дода, таваҷҷуҳи доираҳои илмиро ҷалб кардаанд.

Ҳамчунин, саҳми олим дар рушди фарҳангшиносӣ, назарияи шеър ва забоншиносии тоҷикӣ назаррас арзёбӣ шуда, таъкид шудааст, ки доираи васеи дониш ва таҷрибаи илмии ӯ барои олимони муосир намунаи ибрат мебошад.

Ёдовар мешавем, ки Институти шарқшиносӣ яке аз пажӯҳишгоҳҳои маъруфи Русия буда, солҳо Бобоҷон Ғафуров ба он роҳбарӣ мекард. Дар таърихи ин институт аз Тоҷикистон нафари дуюм ба унвони доктори фахрӣ мушарраф шуд. Бори аввал, моҳи октябри соли 2009 ин унвон ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дода шуда буд. Қобили зикр аст, ки унвони доктори фахрӣ яке аз баландтарин нишонаҳои эътирофи байналмилалии дастовардҳои илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавриди зикр аст, ки донишманди маъруфи тоҷик, профессор Абдунабӣ Сатторзода дар риштаҳои адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, сиёсатшиносӣ ва таҳқиқи равобити байналмилалӣ пажӯҳиш мебарад. Муаллифи беш аз 20 китоб ва 500 мақолаи илмӣ мебошад. Номбурда доктори илми филология, профессор, узви Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ аст. Чанде пеш нахустин Ҷоизаи байналмилалии Бедилро соҳиб шуд.

НАМУНАИ САДОҚАТ ВА ВАТАНДӮСТӢ

Меҳрнома ба зодрӯзи полковники милитсия Саидхоҷа Мирзохоҷаев



Бо камоли эҳтиром, самимият ва меҳри фарзандона шуморо, падарчони азиз, ба муносибати рӯзи мавлудатон ((28.04.1958) сидқан табрик менамоям. Шумо ҳамчун Аълочии милитсияи Иттиҳоди Шуравӣ, корманди фахрии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия, дорандаи ордени «Спитамен», медалҳои «Ҷасорат», «За отвагу», «Воинская доблесть», инчунин Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии СССР, дар роҳи хизмат ба Ватан, ҳифзи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон саҳми арзанда ва фаромӯшнашаванда гузоштаед.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки фаъолияти хизматии шумо намунаи олии садоқат ба давлат, масъулиятшиносӣ, ҷасорат, матонат ва вичдони поки касбӣ мебошад. Дар солҳои ҳассосу тақдирсози кишвар шумо дар барқарор намудани ҳукумати конститутсионӣ, таҳкими суботу оромӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ саҳми шоиста гузошта, бо меҳнати содиқона ва иродаи қавии худ эҳтирому эътирофи ҳамкорон, ҷомеа ва наслҳои баъдиро сазовор гардидаед.

Падари азиз, барои мо - фарзандон шумо на танҳо шахсияти соҳибобрӯ ва хизматчии шоистаи давлат, балки мактаби бузурги зиндагӣ, намунаи олии одамият, ватандӯстӣ, ростқавлӣ ва мардонагӣ ҳастед. Маҳз бо дуои нек, дастгирӣ, тарбияи падарона ва роҳнамоии хирадмандонаи шумо мо тавонистем ба дастовардҳои назарраси зиндагӣ ва муваффақиятҳои корӣ ноил гардем.

Саҳми шумо дар таълиму тарбияи фарзандон, ташаккули ҷаҳонбинӣ, одоби инсонӣ ва эҳсоси масъулиятшиносии мо басо бузург аст. Ҳар як сухан, ҳар як насиҳат ва ҳар як амали шумо барои мо дарси ибрат, мояи шараф ва масъулият мебошад.

Дар ин рӯзи муборак ба шумо саломатии бардавом, умри дароз, саодати хонаводагӣ, хотири ҷамъ, нерӯи тоза, рӯзгори пурфайз ва эҳтироми ҳамешагии фарзандону наберагонро орзу менамоям.

Бигзор ҳамеша сарбаланду тансиҳат, хушбахт ва дар ҳалқаи меҳру муҳаббати аҳли оила бошед. Номи нек, хизматҳои шоиста ва корномаи ибратбахши шумо барои мо ҳамеша мояи ифтихор аст.

Бо эҳтироми амиқ ва меҳри фарзандона, Сиёвуш Мирзохоҷаев

ҚАДРШИНОСИИ НАВРАСИ «ҚАҲРАМОН»

Милитсияи Душанбе Раҳматулло Мардиктоев, наврасеро, ки як духтарро аз марг наҷот дод, бо сипоснома ва маблағ қадрдонӣ кардааст.

Ин наврас, ки хонандаи синфи 10-и Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсии пойтахт аст, 5 рӯз пеш як духтарро, ки бо қасди худкушӣ худро ба дарё андохт, наҷот дода буд.

Пулиси шаҳри Душанбе рӯзи 23-юми апрел ин рафтори ӯро "далерию шуҷоатмандӣ" ва "намунаи ибрат барои дигар наврасону ҷавонон" тавсиф карда, ба волидайн ва устодонаш "барои таълиму тарбияи шоиста" изҳори сипос кардааст. Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ин наврасро “қаҳрамон” гуфтаанд.

Раҳматулло Мардиктоев вақте шоми 19-уми март барои тамрин ба соҳили дарёи Душанбе рафт, дар об ғарқ шудани духтареро дид ва ба қасди наҷоти ӯ худро ба рӯд андохт. Ин наврас мегӯяд, он вақт аз чизе тарс надошт, зеро мехост ҷони инсонеро наҷот диҳад. Ӯ духтарро аз об берун карда, ба шифохона бурд.

Мақомот сабаби қасди ҷон кардани духтарро “муноқишаи оилавӣ” арзёбӣ карда, гуфтанд, “ҳоло ӯ тахти назорати табибон қарор дорад”.



МАВЛУДНОМА

30 АПРЕЛ

Назрулло Нуралиев (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Бахтдавлат Рӯзадор (1926-2008), 100-солагии зодрӯзи журналист.

1 МАЙ

Самариддин Алиев (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Зайниддин Зулфиқоров (1941), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

Машраб Манғитов (1956), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

Сайфулло Ниёзов (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

2 МАЙ

Алихон Зарифӣ (1956), 70-солагии зодрӯзи адиб.

Ҳотамшо Одинаев (1956), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Леонид Шпонко (1946), 80-солагии зодрӯзи рассом.

3 МАЙ

Муҳаммадҷон Раҳимӣ (1901-1967), 125-солагии зодрӯзи шоир.

Мӯсо Мавлавӣ (1946-1994), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Абдулло Маҳмадшоев (1936), 90-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Ориф Набиев (1956), 70-солагии зодрӯзи актёр ва коргардони театр, арбоби фарҳангӣ.

4 МАЙ

Анвар Ғайбуллоев (1936-2005), 90-солагии зодрӯзи наворбардори кино ва ТВ.

Доро Наҷот (1946), 80-солагии зодрӯзи шоир, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Шароф Сотиболдиев (1936-1990), 90-солагии зодрӯзи файласуф.

5 МАЙ

Валиҷон Акбарӣ (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Раҳматулло Саъдуллоев (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Акбар Султонов (1941-1999), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Давлат Халифаев (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми дорушиносӣ, профессор.

Аъзам Юнусов (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

6 МАЙ

Лилия Мамадбекова (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Валентина Мирзоева (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

ФУРӮШИ ХОНА

- 2-ҳуҷрагӣ, 110 м.м., бо таъмир, қабати 9, назди тарабхонаи «Султанбек», мефурӯшам. Тел.: 900-55-12-20
- 2-ҳуҷрагӣ, 65 м.м., қабати 4, бо таъмир, бе мебел, нишонӣ: собиқ "Хитойбозор", 750 000 сомонӣ. Тел.: 98-530-76-89, 918-89-79-87
- 3-ҳуҷрагӣ, 65 м.м., қабати 12, бинои 15-ошёна, коробка, 30 000 в.ш. фурӯхта мешавад, назди бозори Балх, назди ГАИ-и ҷумҳуриявӣ. Тел.: 900-55-12-20
- 3-ҳуҷрагӣ, 90 000 в.ш., қабати 6, бо таъмир, бинои навсохт, назди роҳи калон, Ашан, мефурӯшам. Тел.: 935-55-12-20
- 4-ҳуҷрагӣ, 100 000 в.ш., қабати 3, бо таъмир, мефурӯшам. Тел.: 900-55-12-20

ФУРӮШИ ҲАВЛӢ

- Ҳавлии фурӯшӣ, 7 сотих замин, 8 дар хона, 220 000 ҳазор доллар, Теппаҳои Шарқӣ (Восточные холмы), 9 км, назди масҷиди ҷумъахонӣ. Тел.: 900-55-12-20
- Ҳавлии фурӯшӣ, 3 сот. замин, 2 дар хона, Аэропорт, дар назди мактаб, боғчаи бачагона, 80 000 в.ш. Тел.: 900-55-12-20
- Ҳавлии фурӯшӣ, 4 сот. замин, 5 дар хона, Чорякорон, таъмир то обой (под обои), 70 000 в.ш. Тел.: 935-55-12-20

Ҳавлии фурӯшӣ, 6 дар хона, 150 м.м., 8 сот. замин, тамоми ҳуҷҷатҳояш дуруст аст, Балх. Тел.: 918-50-61-91

ИҶОРА МЕДИҲАМ

- Ҳавлии иҷора, 1 утоқ, Сирк, 1500 сомонӣ. Тел.: 001-33-80-33
- Ҳавлии иҷора, 1 утоқ, пос. Южный, бе соҳибхона, 1200 сомонӣ. Тел.: 931-47-17-13

ИВАЗ МЕКУНАМ

- Ҳавлии иборат аз 4 дар хона, 3,5 сот. замин, 9 км., к. Болошаҳр, бо квартира дар ш. Душанбе иваз мекунам. Тел.: 905-68-29-68

НИЁЗ ДОРЕМ

Ба маҳсгарбонувон дар шаҳри Хуҷанд ниёз дорем, маош 80 сомонӣ аз ҳар як мизоҷ. Тел: 11-551-44-44

КОР МЕҶӮЯМ

- Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13
- Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33
- Рӯбучини хона ва хизматгор барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33
- Рӯбучин. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63
- Рӯбучини босифат, рӯбучин баъд аз таъмир, рӯбучини пурраи хона (генеральная уборка). Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

- Обой, шпаклёвка, ламинат, кафел, плитка. Тел.: 919-27-43-39, 00-569-41-41

Насби батарей, ванна, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, термекс. Тел.: 918-722-822

- Газовик. Тел.: 988-61-10-57
- Насби дарҳои оҳанин. Тел.: 988-88-77-24

ГУНОГУН МЕХАРАМ

Молҳои истифодашударо мехарам, зарфҳо, гарнитурҳои хоб. Тел.: 908-06-60-00, 986-17-62-62

Зарф, пардаҳо, курпа, курпача, қолин, палас, одеол, китобҳо, телевизорҳои тунук, расмвора, фляг, зарфҳои сирдор, кондитсионер мехарам. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22

- Дарҳои оҳанини истифодашуда мехарам. Тел.: 988-88-77-24

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯй, мошинаи дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, қолин, флягҳо, асбобу анҷоми давраи шуравӣ, тангаҳо ва ғайраро мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, тачҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Шиносномаи хориҷӣ, A1098074, шаҳрванди Туркманистон, ба номи Агамуродов Гадам, санаи 16.06.2021, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира, №10-3443, аз 05.09.2023, байни Умаров Абдусалом Абдураҳмонович ва ҶДММ "Сохтмони Осиёи Марказӣ", ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум 75, кв. 32, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дипломи ДМБ №0141688, рақами қайд №7639, ба номи Бобоёрова Нилуфар Ниёзалиевна, ки соли 2025 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- ИНН ва шаҳодатномаи ҶДММ “Фавора Сохтмон“, №0280835, РЯМ: 0110024310, РМА: 010100263, санаи судур 26.12.2018, ки аз ҷониби Нозироти андоз дар н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дипломи ДТК №0104639, рақами қайд №1657, ба номи Мамашукуров Рустам Умаралиевич, ки соли 2015 аз ҷониби Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Васиятнома таҳти феҳрасти рақами 5Ғ-153, ки аз 15.01.2018 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш. Душанбе аз номи Юлдошев Солиҷон Раҳмонович тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.
- Дипломи №10039, рақами қайд №1192, ки аз санаи 20.10.2021 ба номи Салимов Давлат Махсудович, аз МД "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии Тибби Оилавӣ" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

IOM UN MIGRATION

JOB VACANCY ANNOUNCEMENT

Ref No.: JR 20454
Title of Job: Strategic Communications Consultant

The International Organization for Migration (IOM) is seeking a **Strategic Communications Consultant** to support high-level communications and visibility initiatives.

For details on responsibilities, requirements, and application procedures, please visit: Strategic Communications Consultant - IOM Careers (link)

Deadline for submission of applications is **4 May 2026, 00:00 AM** hours local time. Late applications will not be accepted.

ОБЪЯВЛЕНИЕ О ВАКАНСИИ

Номер вакансии: JR 20454
Название должности: Консультант по стратегическим коммуникациям

Международная организация по миграции (МОМ) ищет консультанта по стратегическим коммуникациям для поддержки инициатив высокого уровня в области коммуникаций и повышения видимости.

Подробную информацию об обязанностях, требованиях и процедуре подачи заявок можно найти на сайте: Strategic Communications Consultant - IOM Careers (ссылка)

Крайний срок подачи заявок — 4 мая 2026 года, 00:00 по местному времени. Заявки, поданные после указанного срока, приниматься не будут.

- Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8д-2908, аз 27.07.1996 ба номи Гулова Нигина Юсуфовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум 74, кв. 41, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Азимзода Бахтовар, РЯМ: 0730153215, РМА: 076136915, санаи таъсис 29.07.2017, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 9, Т-ШТА №0660616, ба номи Ғаниева Мадина, ки соли 2011 аз ҷониби МТМУ №86-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Сафаров Абдулло Каримович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Навой 7/2, кв. 47, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.
- Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1114021, ба номи Тоҷиев Фаридун Алишерович, ки санаи 30.06.2023 аз ҷониби Литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳимова Моҳирахон, РЯМ: 0730127274, РМА: 075513850, санаи таъсис 07.05.2019, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Азимзода Бахтовар, РЯМ: 0730153215, РМА: 076136915, санаи таъсис 29.07.2017, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Аттестати синфи 9, Т-ШТА №0660616, ба номи Ғаниева Мадина, ки соли 2011 аз ҷониби МТМУ №86-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Сафаров Абдулло Каримович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Навой 7/2, кв. 47, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.
- Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1114021, ба номи Тоҷиев Фаридун Алишерович, ки санаи 30.06.2023 аз ҷониби Литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии “Абдуҷабор-2015”, роҳбараш Кодиров Ҷабор, РЯМ: 0930124470, РМА: 096013115, ки аз санаи 24.11.2015 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1ш-4479, аз 24.12.2012, ба номи Нуритдинов Фаррух Мирзомудинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 72/6, кв. 18, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Саткинова Нигора, РЯМ: 0730184327, РМА: 076505529, санаи таъсис 13.12.2018, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Билети донишҷӯӣ ба номи Назирзода Юсуф Шерали, ки соли 2023 аз ҷониби ДФ НИТУ МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Дипломи ДММ №0009564, рақами қайд №76, ба номи Файзуллаев Хайрулло Хадьятуллоевич, ки соли 2019 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Диплом таҳти № 826410 ба номи Тошев Отабек Матлубович, ки онро соли 1998 Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистон бо ихтисоси муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ додааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

- ҶДММ «Неъматулло 2000», РЯМ: 3310009689, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- ҶДММ «Маркази Савдои Шоҳмансур», №0269718, РЯМ: 0110029325, РМА: 010105813, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶУДО

Аз 1 то 3-юми май дар Қасри теннис ва варзишҳои обии пойтахт мусобиқаи ҷудои "Dushanbe Grand Slam 2026" баргузор мешавад, ки дар он беш аз 240 ҷудокор аз 30 кишвар ширкат хоҳанд кард.



DUSHANBE GRAND SLAM 2026 ОҒОЗ МЕШАВАД

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо қавитарин паҳлавонон ба мусобиқаи хонагӣ наздик мешавад. 41 ҷудокор, аз ҷумла 28 мард ва 13 зан кишварро муаррифӣ хоҳанд кард. Дар соли 2025 дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо касби ҷойи аввал дар ҷадвали нишонҳо бо 11 нишон (4 тило, 3 нуқра ва 4 биринҷӣ) ҳангома карда буд.

Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Dushanbe Grand Slam 2026:

Мардон: Меҳрзод Сӯфиев, Лоиқ Қутбиддинов, Икром Шамсов, Рамзиддин Азизов (60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ, Обид Ҷебов, Мусаниф Миробов, Искандар Маҳмадхоҷазода (66 кг), Мухиддин Асадуллоев, Масъуди Аҳмадзод, Абдулло Ориф, Бинёмин Назиров (73 кг), Сомон Маҳмадбеков, Бахтиёр Бозоров, Абубакр Боқиев, Сунатулло Мусоев (81 кг), Муҳаммад Абдуҷалилзода, Умед Раҷабов, Саидраҳим Раҳимов, Тӯйчибек Шарипов (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов, Муҳсин Малаев, Сомонӣ Кишваров, Азиз Акрамов (100 кг), Мансур Раҳмон, Некрӯзшоҳ Некбахтзода, Муҳаммадрасул Давлатов ва Хумор Муносибов (+100 кг).

Занон: Аҳлия Мӯъминова, Нушин Ҷумъаева, Ҳоҷинисо Назарова, Марям Назарова (48 кг), Мадина Қурбонзода, Суҳайло Сафарзода, Зуҳал Ҷумъаева, Райҳона Розиқзода (52 кг), Александра Кан, Раҳмия Ханҷарбекова, Сабина Каримова (57 кг), Ҷонона Назарова (63 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг).

Барои ҷойҳои ифтихорӣ имтиёзҳои зерин дода мешаванд: тило - 1000 имтиёз, нуқра - 700 имтиёз, биринҷӣ - 500 имтиёз, ҷойи 5-ум - 360 имтиёз, ҷойи 7-ум - 260 имтиёз. Ғайр аз ин, ҷоизаҳои пулӣ низ пешниҳод карда мешаванд. Мувофиқи меъёрҳои IJF, фонди ҷоиза чунин аст: нишони тило - тақрибан 5000 евро, нуқра - тақрибан 3000 евро ва биринҷӣ - тақрибан 1500 евро. Як қисми ҷоизаи пулӣ ба мураббии варзишгар низ дода мешавад.

ФУТЗАЛ

ҚУРЪАКАШИИ СУПРЕЛИГАИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ШУД

Дар идораи Федератсияи футболи Тоҷикистон маросими қуръакашии Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2026 баргузор шуд.



Дар мавсими нави Суперлигаи Тоҷикистон, ки дар ду давра баргузор мешавад, ҳашт даста ширкат хоҳанд кард. Инҳо дастаҳои «Соро компания», «Истиқлол», КМВА, «Сомон», «Амонатбонк», «Душанбе» (ҳама аз Душанбе), «Сипар» (Хуҷанд) ва «Истаравшан» (Истаравшан) ҳастанд.

Тибқи қуръакашӣ дар даври аввал «Сипар» бо «Истиқлол», КМВА бо «Амонатбонк», «Истаравшан» бо «Сомон» ва «Соро компания» бо «Душанбе» бозӣ мекунанд.

Мавсими нави чемпионат 6-уми май оғоз шуда, моҳи ноябр ба анҷом мерасад. Бозиҳои Суперлигаи футзали Тоҷикистон бегоҳии рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе баргузор мешаванд. Ин қарор барои мухлисон ва инъикоси мувофиқи бозиҳо қабул карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки мисли мавсими гузашта дастаҳо метавонанд барои иштирок дар Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2026 то чор бозигари хориҷиро ба ҳайати худ шомил кунанд. Ҳамзамон, тибқи қоида, дар як вақт дар майдон на беш аз се бозигари хориҷӣ ҳузур дошта метавонанд.

ФУТБОЛ

ИСТЕЪФОИ ДУ САРМУРАББӢ БАЪД АЗ ШИКАСТ

Аксари бозиҳои даври шашуми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон бо бартарии як гол ба анҷом расиданд ва ду сармураббӣ баъди ин давр истеъфо доданд.

Бозии серголу диданӣ дар шаҳри Турсунзода ба фоидаи «Регар-ТадАЗ» хотима ёфт. «Вахш» бо ҳисоби 2:3 шикаст хӯрд. «Классико»-и футболи тоҷик ба фоидаи «Истиқлол» ба анҷом расид. Дар ин бозӣ «Хуҷанд» мусовӣ бозӣ мекард, аммо соҳибони майдон дар вақти изофӣ гол заданд - 2:1.

Дар дербии водии Ҳисор «Барқчӣ» тавонист дар меҳмонӣ бар «Сардор» пирӯз шавад - 2:0. Ин ягона бозии давр буд, ки бо бартарии ду гол ба анҷом расид.

Сармураббии дастаи «Ҳосилот» Шамсиддин Қосимов аз вазифаи худ истеъфо дод. Ин қарор пас аз бозии даври 6-ум қабул гардид, ки дар он «Ҳосилот» аз дастаи «Парвоз» бо ҳисоби 0:1 шикаст хӯрд. Дастаи «Парвоз» аввалин ғалабаро дар мавсими имсолаи Лигаи олӣ ба даст оварад.

КМВА-и Душанбе дар шаҳри Кӯлоб бар «Равшан» ғолиб омад - 1:0. Ҳоло ин даста бо 13 имтиёз пешсафи ҷадвали мусобиқа мебошад.

«Эсхата» дар меҳмонӣ бар «Истаравшан» зафар ёфт - 1:0. «Истаравшан» дар мавсими имсолаи Лигаи олӣ то ҳанӯз ғалаба надорад. Бошгоҳ хабар медиҳад, ки бо розигии тарафайн шартнома бо сармураббӣ Шералӣ Бобоқулов бекор карда шудааст.



РЕЗААХБОР

17-уми май дар Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон Дави миллӣ ва марафони дучархаронӣ баргузор мегардад.

***

30-юми апрел мавсими нави Лигаи футболи бонувони Тоҷикистон оғоз мешавад. Дар нуҳумин чемпионати Тоҷикистон миёни бонувон шаш даста - КМВА-ММВЗО (Душанбе), МДМВ «Вахш» (Бохтар), «Бешкент» (Носири Хусрав), «Барқчӣ» (Ҳисор), «Пахтакор» (Қубодиён) ва «Чашма» (Шаҳритус) дар чор марҳила бо ҳам бозӣ хоҳанд кард.

***

Ҷоми ҷаҳонии бокс-2026 дар шаҳри Фос-ду-Игуасуи Бразилия ба анҷом расид. Бразилия бо ҷамъи 9 нишон аввал шуд. Тоҷикистонро 4 муштзан намояндагӣ карданд, ки беҳтарин натиҷаро Меҳроҷ Суфиҷонов (55 кг) ба қайд гирифта, то ба марҳилаи чаҳорякниҳоӣ расид.

***



Баҳодур Усмонов (12-1; KO 5) дар мусобиқаи асосии IBA Pro 17 барои дарёфти камарбанди қаҳрамонии IBF аз Артур Субҳонқулов (12-0; KO 6) дар раунди 12-ум тариқи нокаут мағлуб шуд. Барои Баҳодур Усмонов ин аввалин бохт дар бокси касбӣ ба ҳисоб меравад.

***

30-юми апрел дар шаҳри Саняи Чин 6-умин Бозиҳои соҳилии Осиё бо намояндагии 45 кишвари қитъа иборат аз 2 000 варзишгар ба анҷом расид. Тоҷикистонро дар мусобиқа 10 варзишгар намояндагӣ карданд ва бидуни нишон монданд.

***

Аз 13 то 21-уми сентябри соли 2026 шаҳри Загреби Хорватия мизбони Чемпионати ҷаҳонии куштии тарзи озод ва юнонӣ-римӣ хоҳад буд. Дар куштии тарзи озод рақобатҳо дар вазнҳои 57, 61, 65, 70, 74, 79, 86, 92, 97 ва 125 ва юнонӣ-римӣ дар вазнҳои 55, 60, 63, 67, 72, 77, 82, 87, 97 ва 130 ба нақша гирифта шудаанд.



ПУЛ

- Дугонаҷон, имрӯз бениҳоят хушбахт менамоӣ.
- Бале, хушбахтам!
- Дар зиндагият касе пайдо шудааст?
- Бале, пул!

ДӮКОН Ё ДУКОН?

- Дӯкон нависем, дуруст аст ё дукон?,- пурсидам аз Мундонӣ.

Бо табассум гуфт:

- Агар дӯкон пур бошад, бо “ӯ” нависед, агар холӣ бошад, ҳамон “у” ҳам зиёдатӣ аст.

СИФАТ

Мундонӣ ба маҳфиле даъват шуд, ки аксари дӯстони солҳои кӯдакӣ ҷамъ омада, мавлуди яке аз ҳамсабақонашонро ҷашн мегирифтанд. Маҳфил бо табрикоти соҳибҷашн оғоз ёфта, ҳама ӯро васф ва аз сифатҳои хубаш қисса мекарданд. Чун навбат ба Мундонӣ расид, гуфт:

- Сифати бехтарини соҳибҷашн ин аст, ки дар фарҳанги луғавии ӯ калимаи “не” вуҷуд надорад. Чӣ хоҳишеву дархосте мекунӣ, хуб мегӯяд ва ваъда медиҳад, ки ҳатман ичро мекунад.

- Соҳибҷашн камбудӣ ҳам дорад?,- кунҷковона пурсид яке аз нишастагон.

- Камбудиаш ҳамин, ки ҳеч яке аз ваъдаҳои додаашро ичро намекунад,- посух дод Мундонӣ.

ДОР БА ҶОЙИ ДАР

Хӯроки нисфирӯзиро дар ошхонаи Суди иқтисодӣ бо 3 нафар ҷавонони ин ниҳод тановул кардем. Пешхизмат ош овард, вале дар овардани чой танбалӣ кард. Баъди чанде чой оваруду пиёларо фаромӯш кард. Ҷавонон бетоқат шуда, ҳар замон аз кори ӯ норозигӣ мекарданд ва асабӣ мешуданд. Ман онҳоро ба оромӣ ташвиқ карда, гуфтам:

- Сахт асабӣ нашавед, ки асабонияти шумо метавонад ҳам бар зарари ҷабрдида ва ҳам бар зарари ҷинояткор анҷом ёбад.

- Асабонияти мо ба ҷабрдидаву ҷинояткор чӣ алоқамандӣ дорад?,-норозиёна пурсид яке аз онҳо.

- Бо ин ҳол, ба ҷойи дар яке дор эълон накунед?,- гуфтам ман ва табассум дар лаби онҳо шукуфту ошро нӯши ҷон кардем.

ПУЛ ВА ХАСИС

Дар хонаи рафиқе нишаста, аз гирудори дунё суҳбат доштем, ки наберачааш аз дар даромада, баъди салому алейк гуфт:

- Бобоҷон, ба ман 10 сомонӣ обунапулӣ диҳед.

Бобояш ба сӯйи ӯ як нигоҳе карду гӯё чизе нашунида бошад, суҳбатро бо мо идома дод.

Набера 2-3 бори дигар дархости пул кард, вале ҷавобе нагирифт.

Ба ӯ гуфтам:

- Набераатон пул пурсида истодааст, чаро ҷавоб намедиҳед?

Мундонӣ, ки онҷо буд, гуфт:

- Одами хасис калимаи “пул”-ро фақат вақти “гир” гуфтан мешунавад.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

ЯКТО

Ҷавоне аз модараш мепурсад:

- Оча, агар дар кӯча ба ману духтари дӯстдоштаам авбошон хуҷум кунанд, чӣ кор кунам?

Модар:

- Гурез, писарам, гурез! Духтар бисёр аст, ту бошӣ, барои ман якто!

СЕРГАП

Бемор:

- Духтур, ман пайваста бо худам гап мезанам.

Духтур:

- Ин падидаи муқаррарӣ аст, аксарият чунин одат доранд.

Бемор:

- Дурусту ман чунон сергап ҳастам, ки...

МУДИР

Марде ба тарабхонаи гурчӣ рафта, баъд аз назар гузаронидаи рӯйхати таомҳо ба пешхизмат мегӯяд:

- Барои ман як порс ахвледиани биёред!

Пешхизмат дар ҷавоб:

- Ин номумкин аст. Ахвледиани насаби мудирамон аст...

ЗИХНА

Марди зихнае пойафзоли кӯҳнаашро ба назди усто мебарад:

- Ако, шумо чӣ маслиҳат медиҳед, ҳамин пойафзоли маро таъмир карда мешавад?

Усто мегӯяд:

- Беҳтараш онро фурӯшед!

ЗАҲРОЛУД

Духтаре ба дугонааш мегӯяд:

- Соро, хабар дорӣ, дирӯз Софияро ба беморхона бурданд? Заҳролуд шудааст.

Соро:

- Наход? Аз афташ забони худро газидааст!

ИМТИҲОН

Падар аз писар мепурсад:

- Писарам, имтиҳонҳоят чӣ хел?

Писар:

- Қимат шудаанд, дада...

ХУШ

- Хуши коркунӣ надорам!

- Ҳеҷ гап не, бе хуш кор кардан гир!

ХАФА

Духтар ба дӯстдоштааш мегӯяд:

- Суҳроб, чаро ту аз ман хафа шудӣ?

Ҷавон дар ҷавоб:

- Барои он ки ман Суҳроб нестам, ман Меҳробам!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

